**ММТ: БА СӮЙИ НИЗОМИ БОЗ ҲАМ МУОСИРТАР** с. 9

**ФАРМОНИ ДАЪВАТИ ТИРАМОҲӢ ИМЗО ШУД** с. 2

**ХАРБУЗАРО КӢ МЕХАРАД?** с. 5



# ТОҶИКИСТОН

№ 35 (1699), 2.09.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992







# АЗ ХИВА БА САРАЗМ

## Пешниҳод дар ҳошияи саммити СҲШ дар Бишкек

## ДАР ИН ШУМОРА:


**ҚАЛЛОБӢ**
Корти «Душанбе Сити»-ро чӣ гуна истифода мебаранд? с.5

**КОРШИНОСИ СММ**
Тоҷикистон ҳамоно пойбанди пули муҳоҷирон аст с.4

**АҲМАДШОҲИ МАСЪУД**
Орзуи "Шери Панҷшер" с.6

**МАОШ**
Аз кӣ чӣ қадар зиёд шуд? с.7

**АЛЕКСАНДР ПРОХАНОВ**
Ман дар дохили Кумитаи ҳолатҳои фавқулода будам с.11

**НАЗАРАЛӢ ОРИФОВ**
Сафири нави Қирғизистон дар Тоҷикистон кист? с.4

**IRS**
Роҳнигоҳдорем, то дигарон роҳ паймоянд с.10

**ВАРЗИШ**
Пирӯзии Комил Каратэ ва шикасти Ҳалим Назруллоев с.15

**КАНЗИ ШИФО**
Чор нӯшокии фоиданок ба кори дил с.12

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Матлубахон САТТОРИЁН,**
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шералӣ КАБИР,**
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
президенти АМИТ, академик

**Мунҷибахон ҶАВҲАРӢ,**
раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дилбар ОДИЛЗОДА,**
муовини раиси шаҳри Душанбе

**Заробиддин ҚОСИМӢ,**
Сардори хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

**Носирҷон САЛИМӢ,**
академик

**Гулсифат ШАҲИДӢ,**
нависанда

**Рафоэл НЕКТАЛОВ,**
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муҳаррири сомонаи pressa.tj

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*



**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.


# ИСТИРОҲАТИ 3-РӮЗА ДАР БОЗОРҲОИ ПОЙТАХТ

**Бозорҳои калони шаҳри Душанбе, аз ҷумла бозори «Корвон» рӯзҳои 7, 8 ва 9-уми сентябр фаъолият намекунанд.**

Ин иқдом ба омодагӣ ва таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатӣ марбут аст. Бозорҳо фаъолияти худро аз 10-уми сентябр аз нав оғоз мекунанд.

Бояд таъкид кард, ки барои сокинони Тоҷикистон танҳо 9-уми сентябр рӯзи расмии истироҳатӣ мебошад. Рӯзҳои 7 ва 8-уми сентябр рӯзҳои истироҳатии умумимиллӣ ба ҳисоб намераванд.

# БОҒИ НАВИ ФАРҲАНГӢ-ФАРОҒАТӢ ДАР ДУШАНБЕ

**Дар остонаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳри Душанбе бунёди боғи фарҳангӣ-фароғатӣ оғоз гардид.**

Боғ бо ибтикори Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи ҳадафҳои рушди шаҳри Душанбе ва ташаккули муҳити сабзу солим дар ҳамкорӣ бо Хадамоти ҷангали Ҷумҳурии Корея сохта мешавад. Ба иттилои Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, боғи нав ҳамчун майдони муаррифии фарҳанг, анъана ва арзишҳои миллии Тоҷикистону Корея хизмат менамояд. Боғ дар яке аз минтақаҳои маркази пойтахт ҷойгир буда, дар марҳилаи аввали сохтмон корҳои заминсозӣ ва бунёди инфрасохтори зарурӣ, аз ҷумла роҳравҳо, шабакаи обёрӣ ва майдонҳои сабз амалӣ мегарданд. Боғи фарҳангу фароғатӣ тибқи нақша то охири соли 2026 ба истифода дода мешавад.

# БИНОИ НАВИ КУМИТАИ ДИН ИФТИТОҲ ШУД

**2-юми сентябр Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ биноӣ нави Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросимро дар пойтахт ифтитоҳ намуд.**

Биноӣ нави Кумитаи дин дар ноҳияи Шоҳмансур, дар наздикии Боғи ба номи Алишер Навоӣ ҷойгир аст. Қаблан дар ин ҷо биноӣ кӯҳнаи Кумитаи дин ҷойгир буд.

# ММД-и ТОҶИКИСТОН 3 БАРОБАР АФЗОИШ ЁФТ

**Ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт. Дар даҳ соли охир он 3 баробар зиёд шуд.**

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон, агар соли 1991 ММД-и кишвар ҳамагӣ 13,4 миллион сомонӣ буд, пас дар шашмоҳаи аввали соли 2026 ин нишондиҳанда ба 81,7 миллиард сомонӣ расидааст. Ба нишондодҳои омори расмӣ, танҳо соли 2025 ҳаҷми ММД-и Тоҷикистон 173 миллиард сомониро ташкил дода, рушди воқеии иқтисоди миллӣ 8,4 фоиз арзёбӣ шудааст.



# ФАРМОНИ ДАЪВАТИ ТИРАМОҲӢ ИМЗО ШУД

**Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 28-уми август фармони даъвати тирамоҳии шаҳрвандон ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи кишварро имзо кард.**

Тибқи фармон, аз 1-уми октябр то 30-юми ноябри соли 2026 ҷавонони аз 18 то 27-сола, ки ҳуқуқи ба таъхир андохтан ё озод шудан аз хизмати ҳарбиро надоранд, ба сафи артиш даъват мешаванд.

Ҳамзамон, шаҳрвандоне, ки муҳлати муқарраршудаи хизмати ҳарбиро анҷом додаанд, дар моҳҳои октябр ва ноябри соли 2026 аз сафи Қувваҳои мусаллаҳ ба захира рухсат мешаванд.

Ёдовар мешавем, ки дар Тоҷикистон ҷавонон ҳамасола дар ду мавсим - баҳор ва тирамоҳ ба хизмати ҳарбӣ даъват мешаванд.

# САРИ САБЗ



**Саодат АЗИЗОВА,**
**Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон**

**- Модарам то 88-солагӣ бо забони адабӣ ва лаҳни ширини самарқандӣ ҳарф мезаданд. Аслан забони адабиро ман аз ӯ омӯхтам, ҳатто “ӯ” гуфтанро модарам ёд дода буданд. Омӯзгор буданд, дар тарбияти мо, илмомӯзии мо саҳми бориз доштанд.**

*- Ба падари модаратон ҳазорҳо раҳмат! Акнун, вақти он расидааст, ки вақте дар доираҳои илмиву адабӣ бечора ҳарфи “ӯ”-ро ба баҳс мекашанд, шумо ҳам кам-кам ҳамчун нафари хуб омӯзишдида нуқтаи назаратонро иброз доред.*



**Ризои БАҲРОМЗОД,**
**муҳаққиқи ҷавони тоҷик**

**- Онҳое, ки таҷрибаи нашри мақола дар маҷаллаҳои шомили “Scopus” ва “Web of Science”-ро доранд, хуб медонанд, ки омода кардани як таҳқиқот, гузаштан аз марҳилаҳои баррасӣ, тақриз, ислоҳу такмил ва дар ниҳоят расидан ба нашр то чӣ андоза вақт, сабр ва заҳмат талаб мекунад.**

*- Эҳ, натарсонед, ҷаноби муҳаққиқ. Гузоред, то олимони дигари ҷавон ҳам бо дасту дили гарм ба пажӯҳиш машғул шаванд. Ин ба нафъи шумо ҳам ҳаст, чун дар ҷодаи илм ҳамқадаму гоҳо дастгир ҳам пайдо мекунед.*



**Шаҳзодаи САМАРҚАНДӢ,**
**нависанда ва тарҷумон**

**- Тарҷума ҳоло барои ман кори тиҷоратӣ нест, бештар кори довталабона ва хайриявист... Ман ҳам мисли бисёре аз мардум аз Даҷлаи адабиёт бисёр нон хӯрдаам. Акнун навбати ман аст, ки ноне ба Даҷла андозам, шояд рӯзе ба дасти ниёзманде бирасад.**

*- Офаринатон, шояд бо ҳамин усул роҳро барои тарҷумонҳои дигаре, ки хоҳиши кори довталабонаву хайриявиро доранд, ҳамвор намоед. Ба таъбири худатон, шояд ниёзманде аз Даҷла нон хӯрад ва нон ба Даҷла андозад.*

# АЗ ХИВА БА САРАЗМ

## Пешниҳод дар ҳошияи саммити СҲШ дар Бишкек

Саммити ҷашнии Созмони ҳамкории Шанхай, ки аз 31-уми август то 1-уми сентябри соли 2026 дар Бишкек баргузор гардид, нишон дод, ки СҲШ дар шароити пуртазоди ҷаҳони имрӯз меҳоҳад аз майдони машварат ба механизми амалия гузарад. Саммит собит сохт, ки амният, иқтисод, нақлиёт, технология, муҳити зист ва фарҳанг дигар бахшҳои аз ҳам ҷудо нестанд ва бе ҳамдигар пойдор буда наметавонанд.

### АЗ ЭЪЛОМИЯ ТО АМАЛ

Дар поёни нишасти саммити Бишкек, ки ба 25-солагии СҲШ бахшида шуда буд, 28 санад (24 қарори сарони давлатҳо ва чаҳор созишномаи байниҳукумативу байниидорӣ) қабул гардиданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ зарурати ҳарчи зудтар фаъол намудани марказҳои нави амниятӣ, тақвияти ҳамкорӣ дар саноат, энергетика, нақлиёту транзит ва кишоварзӣ, омӯзиши таъсиси минтақаҳои рушди иқтисодӣ ва Платформаи минтақавии рақамии агроэкологиро таъкид карданд. Ҳифзи пиряхҳо, истифодаи оқилонаи захираҳои об ва амнияти экологӣ низ ҳамчун масъалаҳои стратегии рушди устувор матраҳ гардиданд.

Аммо натиҷаи муҳими нишасти Бишкек қабули санадҳо набуд. Дар ҷаласаи «СҲШ+», ки ба нақши СММ дар масъалаи ташаккули низоми одилона дар ҷаҳон бахшида шуд, андешаи меҳварие садо дод, ки ҷаҳони бисёрқутба танҳо бо тавозуни нерӯҳо бунёд намешавад.

Он ба эътимод, таҳаммулпазирӣ ва шинохти ҳамдигар ниёз дорад. Сарвари давлати Тоҷикистон таъкид намуданд, ки муколамаи байни тамаддунҳо, таҳкими сулҳ, дӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ аз воситаҳои муҳими муқовимат бо тафриқа, экстремизм ва радикализм мебошанд.

### ФАРҲАНГ СИПАРИ АМНИЯТ

Дар ҳамин замина, пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев аҳаммияти хоса пайдо кард. Ӯ таъсиси Форуми доимии фарҳангҳо ва тамаддунҳои «СҲШ+»-ро пешниҳод намуда, омодагии кишварашро барои баргузории он дар Хива баён дошт.




> **ТОҶИКИСТОН ҲАММУАЛЛИФИ ҚАТЪНОМАИ МАҶМАИ УМУМИИ СММ ОИД БА ПЕШБУРДИ МУКОЛАМАИ БАЙНИФАРҲАНГӢ ВА ТАҲАММУЛПАЗИРӢ БУДА, СУЛҲРО НА ТАНҲО ҲАМЧУН ҚАТЪИ НИЗОЪ, БАЛКИ ҲАМЧУН ФАРҲАНГИ ҲАМЗИСТӢ МУАРРИФӢ МЕКУНАД.**

Хива барои оғози чунин форум интихоби дуруст буд. Вале агар форуми «СҲШ+» воқеан доимиамалкунанда бошад, табиист, ки он бояд хусусияти сайёр дошта, дар марказҳои гуногуни тамаддунсози кишварҳои узв ва шарик баргузор гардад. Ҳар шаҳр бояд як саҳифаи таърихи муштараки Авруосиёро боз кунад. Бигзор Хива мизбони ин иқдоми нав гардад, вале яке аз нишастҳои минбаъдаи он бояд дар Саразми Тоҷикистон доир шавад.

### ЧАРО МАҲЗ САРАЗМ?

Посухро худи таърих додааст. Саразм, ки маънояш «оғози замин» ё «саршавии сарзамин» аст, яке аз қадимтарин марказҳои муқимии Осиёи Марказӣ мебошад. Осори бостонии Саразм ба даврае таалluқ дорад, ки аз ҳазораи чоруми пеш аз милод оғоз шуда, то охири ҳазораи сеюми пеш аз милод идома кардааст. Дар ин ҷо нишонаҳои шаҳрсозии ибтидоӣ, меъмории мураккаб, обёрӣ, коркарди маъдан, фулузгудозӣ, кулолгарӣ ва заргарӣ бозёфт шудаанд. Саразм танҳо маҳали зист набуд, он озмоишгоҳи ташаккули ҷомеаи шаҳрдорӣ ва тақсимбандии касбу ҳунар буд.

Муҳимтар аз ҳама, Саразм дар ҷойи холӣ ба вуҷуд наомадааст. Маводи бостоншиносӣ аз робитаҳои тиҷоративу фарҳангии он дар паҳнои Осиёи Марказӣ, Эрон, Ҳинд ва то соҳилҳои укёнусхо шаҳодат медиҳад. ЮНЕСКО Саразмро яке аз сарзаминҳое медонад, ки дар пайдоиш ва рушди роҳҳои бузурги тиҷоратии фароавруосиёӣ нақши бузург дошт. Пас, барои форуми «фарҳангҳо ва тамаддунҳо» чӣ далели қавитар аз маконе вуҷуд дорад, ки панҷуним ҳазор сол пеш худ чорроҳаи табодули мол, ҳунар, дониш ва ҷаҳонбинӣ буд?

Соли 2010 Саразм ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардид. Ин эътироф танҳо ба қадимияти он вобаста нест. Арзиши ҷаҳонии он маҳз дар маркази мубодилаи фарҳангҳо ва шаҳодати нодири як тамаддуни ибтидоии шаҳрӣ буданаш ифода меёбад. Яъне мавзуи эҳтимолии ҷойи баргузории форум бо моҳияти худи Саразм пурра ҳамоҳанг аст. Зеро дар ин маврид худи таърих сухан мегӯяд, на суханварон.

Панҷакент низ танҳо дарвозаи Саразм нест. Шаҳри қадимаи Панҷакенти соли 2023 ҳамчун яке аз ҷузъҳои мероси фаромиллии «Роҳҳои Абрешим: аз долони Зарафшон то Қарокум» ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дохил шуд. Дар ҳамин фазои таърихӣ тамаддуни суғдӣ, наққошии нодири Панҷакенти қадим ва мероси Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳам мепайванданд. Кам минтақае дар ҷаҳон метавонад дар як масири кӯтоҳ аз нахустин шаҳрсозӣ то фарҳанги суғдӣ ва аз он то поягузори адабиёти классикии тоҷику форсро ҳамчун силсилаи зиндаи тамаддун пеши назар орад.

### ПЕШНИҲОДИ ҲАМСАДОИ СИЁСАТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН

Баргузории форум дар Саразм бо сиёсати байналмилалии Тоҷикистон низ ҳамсадост. Тоҷикистон ҳаммуаллифи қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ оид ба пешбурди муколамаи байнифарҳангӣ ва таҳаммулпазирӣ буда, сулҳро на танҳо ҳамчун қатъи низоъ, балки ҳамчун фарҳанги ҳамзистӣ муаррифӣ мекунад. Дар соли 2027 кишвар ҳамроҳ бо СММ нахустин Конфронси байналмилалиро дар доираи «Даҳсолаи таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда» баргузор мекунад. Нишасти «СҲШ+» - фарҳангҳо ва тамаддунҳо» дар Саразм метавонад идомаи табиии ҳамин рӯзномаи сулҳофар бошад.

Ин иқдом ҳамчунин ба ҳамкории фарҳангии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон мазмуни нав мебахшад. Хива ва Саразм рақиб нестанд, онҳо ду ҳалқаи занҷири як тамаддун мебошанд. Яке шаҳомати шаҳрсозӣ, илму маърифати асрҳои миёнаро нигоҳ доштааст, дигаре решаҳои хеле қадимаи шаҳрнишинӣ ва мубодилаи байни минтақаю фарҳангҳоро. Масири рамзии «Хива - Самарқанд - Панҷакент - Саразм» метавонад ба барномаи муштараки фарҳангӣ, илмӣ ва сайёҳии ду кишвар ва дар оянда ба масири байналмилалии СҲШ табдил ёбад.

Барои аз андеша ба амал гузаштан, метавон гурӯҳи кории муштарак аз намояндагони Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати фарҳанг, Академияи миллии илмҳо, Комиссияи миллии ЮНЕСКО, мақомоти вилояти Суғд ва шаҳри Панҷакент таъсис дод. Ин гурӯҳ метавонад консепсияи «Саразм - оғози муколамаи тамаддунҳо»-ро таҳия ва тавассути роҳҳои дипломатӣ ба Котиботи СҲШ ва сохторҳои манфиатдори СММ пешниҳод намояд.

Форум набояд ба суханрониҳо ва барномаи идона маҳдуд шавад. Он метавонад бо қабули «Эъломияи Саразм оид ба муколамаи тамаддунҳо», таъсиси шабакаҳои марказҳои бостоншиносиву осорхонаҳои кишварҳои СҲШ, рақамикунонии мероси муштарак, ҳамоиши ҷавонон, намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва барномаи муштараки ҳифзу муаррифии ёдгориҳои Роҳи Абрешим анҷом ёбад. Танҳо дар ҳамин сурат фарҳанг аз ороиши канории дипломатия ба нерӯи воқеии ҳамкорӣ табдил меёбад.

Эътироф шудани Тоҷикистон ҳамчун маркази тамаддуни орийӣ низ тақозо мекунад, ки чунин ҳамоиши бонуфузи байналмилалӣ маҳз дар Саразм баргузор гардад.

Саразм далели зиндаи ворисӣ тамаддуни орийӣ будани тоҷикон аст.

**Шариф ҲАМДАМПУР**

# ИМА БА ЛОРАК ЗАРБА ЗАД, ЭРОН БА ПОЙГОҲҲОИ НИЗОМӢ



**ТАНИШҲО МИЁНИ ИЁЛОТИ МУТТАҲИДА ВА ЭРОН ДАР ХАЛИҶИ ФОРС ДУБОРА ШИДДАТ ГИРИФТААСТ. НЕРӮҲОИ АМРИКОӢ РӮЗИ 30-ЮМИ АВГУСТ БА ДУ ДАСТГОҲИ ПАРТОБИ МУШАКИ ЭРОН ДАР ҶАЗИРАИ ЛОРАК, ВОҚЕЪ ДАР ГУЛӮГОҲИ ҲУРМУЗ ЗАРБА ЗАДАНД. ВАШИНГТОН МЕГӮЯД, КИ ҲАДАФҲО БА НЕРӮҲОИ СИПОҲИ ПОСДОРОНИ ИНҚИЛОБИ ИСЛОМӢ ТААЛЛУҚ ДОШТА, ЭҲТИМОЛАН БАРОИ ГУЗОШТАНИ МИНАҲОИ БАҲРӢ ДАР ГУЛӮГОҲ ОМОДАГӢ МЕДИДАНД.**

Теҳрон ин ҳамларо «таҷовуз» номида, аз талафоти низомиён ва ғайринизомиён хабар дод. Сипоҳи посдорони инқилоби исломӣ баъдан эълон кард, ки дар посух ба ҳамлаи Амрико ба пойгоҳҳои низомии ИМА дар Урдун мушакҳои баллистикӣ партоб кардааст. Артиши Эрон низ гуфт, ки бо даҳҳо ҳавопаймои бесарнишин ба мавқеъҳои марбут ба нерӯҳои Амрико дар пойгоҳи Ал-Минҳод дар Иморати Муттаҳидаи Араб ҳамла кардааст. Ҳамзамон, Сипоҳ иддао кард, ки як ҳавопаймои бесарнишини амрикоии MQ-9 Reaper-ро дар минтақаи гулӯгоҳи Ҳурмуз сарнагун кардааст.

Фармондеҳии маркази артиши ИМА (CENTCOM) гуфт, ки зарба ба Лорак амали «маҳдуд ва дақиқ» буда, барои бартараф кардани таҳдиди фаврӣ ба киштигардӣ дар гулӯгоҳи Ҳурмуз анҷом шудааст. Дар ҳамин ҳол, Урдун хабар дод, ки низоми дифои ҳавоии кишвар ҳашт мушаки эрониро, ки вориди ҳарими ҳавоии он шудаанд, боздошт кардааст. Аморати Муттаҳидаи Араб низ аз боздошти як паҳподи эронӣ хабар дод.

Ин аввалин даргирии мустақими ҷиддии низомии ИМА ва Эрон дар як моҳи охир ба шумор меравад. Вазъ дар атрофи гулӯгоҳи Ҳурмуз, ки яке аз муҳимтарин роҳҳои интиқоли нафту гази ҷаҳон аст, ҳамоно ҳассос боқӣ мемонад. Боз шудани гулӯгоҳ ва коҳиши танишҳо барои бозорҳои ҷаҳонии энергия аҳаммияти калидӣ дорад.



# САФИРИ НАВИ ҚИРҒИЗИСТОН ДАР ТОҶИКИСТОН

**РАИСИҶУМҲУРИ ҚИРҒИЗИСТОН СОДИР ҶАББОРОВ НАЗАРАЛӢ ОРИФОВРО САФИРИ НАВИ КИШВАРАШ ДАР ТОҶИКИСТОН ТАЪИН КАРД. ФАРМОНИ ДАХЛДОР 30-ЮМИ АВГУСТИ СОЛИ ҶОРӢ БА ИМЗО РАСИДААСТ. ДАР ИН БОРА «АКИPRESS» ХАБАР ДОДААСТ.**

Назаралӣ Орифов дар ин мақом Эрлан Абдилдаевро иваз мекунад, ки аз моҳи апрели соли 2022 сафири Қирғизистон дар Тоҷикистон буд. Абдилдаев моҳи июли соли ҷорӣ аз вазифаи сафир дар Душанбе озод шуд. 10-уми июл вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин ӯро ба муносибати анҷоми маъмурияти дипломатӣ ба ҳузур пазируфт. Баъдан Абдилдаев сафири Қирғизистон дар Маҷористон таъин гардид.

## НАЗАРАЛӢ ОРИФОВ КИСТ?

Ӯ 55-сола буда, зодаи деҳаи Қара-Булоқи вилояти Бодканд аст. Шуъбаи ташкили ҳаракати роҳро дар Донишгоҳи технологии Ош хатм кардааст. Фаъолияти меҳнатиашро дар бахши хусусӣ оғоз намуда, солҳои 1994-1997 корхонаи «Эрдик»-ро роҳбарӣ кардааст. Баъдан ба соҳибкорӣ машғул шуда, роҳбарии ширкатҳои «Прагма Инк» ва «Гефест»-ро бар уҳда дошт.

Соли 2007 ӯ вакили Кенеши шаҳри Ош интихоб шуд. Солҳои 2009-2010 дар вазифаи роҳбари раёсати минтақавии Хазинаи суғуртаи ҳатмии тиббӣ дар Ош фаъолият кард.

Солҳои 2010-2015 Орифов аз ҳизби «Ҷумҳурӣ» вакили даъвати панҷуми Жогорку Кенеши Қирғизистон буд. Соли 2016 ба ҳайати Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии кишвар шомил шуда, соли 2020 ваколаташро пеш аз муҳлат қатъ кард.

Моҳи майи соли 2021 Орифов консули генералии Қирғизистон дар Алмаато таъин гардид ва то моҳи июни соли 2024 дар ин вазифа кор кард.

Коршиноси СММ:

# ТОҶИКИСТОН ҲАМОНО ПОЙБАНДИ ПУЛИ МУҲОҶИРОН АСТ

**КОРШИНОСИ МУСТАҚИЛИ ШУРОИ ҲУҚУҚИ ИНСОНИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД АТТИЯ ВАРИС МЕГӮЯД, КИ ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҲОЛИ РУШД ҚАРОР ДОШТА БОШАД ҲАМ, КИШВАР ҲАНӮЗ БА МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ВА МАБЛАҒҲОИ ИНТИҚОЛИИ ШАҲРВАНДОНАШ АЗ ХОРИҶ ВОБАСТАГИИ ЗИЁД ДОРАД.**



Ин нуктаро Аттия Варис 31-уми август, баъди анҷоми сафари кории худ ба Тоҷикистон дар изҳороти расмӣ баён кардааст. Ӯ зимни сафар вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва молиявии кишвар ва таъсири сиёсати иқтисодӣ ба ҳуқуқи инсонро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Ҳар сол садҳо ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон барои пайдо кардани ҷойи кор ва даромади бештар ба Русия ва дигар кишварҳо мераванд. Маблағҳое, ки муҳоҷирон ба хонаводаҳои худ мефиристанд, барои таъмини зиндагии миллионҳо нафар аҳаммияти муҳим доранд. Ба гуфтаи Аттия Варис, ин интиқолҳо дар беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва коҳиши камбизоатӣ дар кишвар саҳми назаррас гузоштаанд.

Аммо коршиноси СММ таъкид кардааст, ки маблағҳои фиристодаи муҳоҷирон наметавонанд ҷойи кории муносиб, кофӣ ва самаранокро дар дохили Тоҷикистон иваз кунанд. Ба назари ӯ, кишвар бояд барои фароҳам овардани имкониятҳои иқтисодӣ дар дохил талошҳои бештар ба харҷ диҳад.

Варис пешниҳод кардааст, ки Тоҷикистон рушди соҳаҳои кишоварзӣ, коркарди маҳсулоти ғизоӣ, сайёҳӣ, истихроҷ ва истифодаи захираҳои маъданӣ, инчунин иқтисоди рақамиро авлавият диҳад. Ба гуфтаи ӯ, рушди ин самтҳо метавонад ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат кунад.

Коршиноси СММ ҳамзамон ба масъалаи шаффофияти молиявӣ таваҷҷуҳ кардааст. Ӯ зарур донистааст, ки шаҳрвандон ба маълумоти дақиқ ва саривақтӣ дар бораи буҷети давлатӣ, хароҷоти давлатӣ, қарзҳо ва лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ дастрасӣ дошта бошанд.

Гузориши пурраи Аттия Варис дар бораи Тоҷикистон қарор аст моҳи марти соли 2027 ба Шурои ҳуқуқи инсони СММ пешниҳод шавад.



# ХОҲИШИ МОДӢ АЗ ПУТИН

**НАРЕНДРА МОДӢ, САРВАЗИРИ ҲИНДУСТОН АЗ ПРЕЗИДЕНТИ РУСИЯ ВЛАДИМИР ПУТИН ХОСТААСТ, КИ БА ҶАНГ ДАР УКРАИНА ПОЁН ДИҲАД.**

“Ба мо хатми ҷанг зарур аст, на ҷанги беохир”,- афзудааст ӯ.

Модӣ рӯзи 31-уми август дар Бишкек - маркази Қирғизистон бо Путин дидору гуфтугӯ кард. Сарвазири Ҳиндустон гуфтааст, ки “мо бояд ҳамаи душвориҳоро бо роҳи осоишта ҳал кунем. Тамоми инсонҳо ҳаминро мехоҳанд. Ин паёми Ҳиндустон низ ҳаст”.

Владимир Путин дар посух ба Нарендра Модӣ гуфтааст, ки “мо бо ҳамин роҳ пеш меравем”.










# ҚАЛЛОБОН «ДУШАНБЕ СИТИ»-РО ЧӢ ГУНА ИСТИФОДА МЕБАРАНД?

**БАЪД РАҚАМИ ТЕЛЕФОНИ +79366158978 ФИРИСТОДА ШУД. ВАҚТЕ ПУРСИДАМ, КИ ИН АЗ «ДУШАНБЕ СИТИ» АСТ, ПОСУХ МУСБАТ БУД. ЯЪНЕ, ТАСДИҚ КАРДА ШУД, КИ РАҚАМ АЗ ҲАМИН БОНК АСТ.**

Паёми одии «Салом, имконият хаст, ки 5 500 сомонӣ ба корт қарз диҳед?» метавонад барои бисёриҳо як дархости кумаки дӯстона намояд. Аммо дар паси чунин паём аксар қаллобоне меистанд, ки аккаунти шабакаҳои иҷтимоии шахси шиносро рахна ва аз номи ӯ пул талаб мекунанд. Як ҳолати мушаххас ин аст, ки қаллоб аввал рақами корти «Алиф Бонк» ва баъдан корти дигареро ирсол кард, ки гӯё ба «Душанбе Сити» тааллуқ дорад. Ҷолиб аст, ки номи соҳиби корт Aleksandr Morozov ҳангоми санҷиш дар ҳамёни мобилӣ тасдиқ нашуд. Ин ҳолат саволе ба миён меорад: оё шаҳрванди хориҷӣ метавонад дар «Душанбе Сити» корт кушояд? Агар ҳа, ҳангоми кушодан шахсияташ чӣ гуна санҷида мешавад?

## ҚАЛЛОБӢ АЗ НОМИ ДӮСТ ВА ЧАНД САВОЛ БА «ДУШАНБЕ СИТИ»

Рӯзи гузашта ба мессенҷери “Телеграм”-и ман аз номи як дӯстам чунин паём омад: «Салом, имконият хаст, ки 5 500 сомонӣ ба корт қарз диҳед? Пас аз 3-4 соат бармегардонам».

Ба назари аввал паём одӣ менамояд ва кас меҳоҳад ба дӯсти худ дар доираи имкон кумак намояд. Аммо чунин услуби навишт ва ҳолати шубҳаноки дархост боис мешавад, ки пеш аз анҷоми амали молиявӣ бо худи дӯст тамос гирад. Албатта, барои то куҷо огоҳ будани он дӯст аз ин чунин ҳолат иртибот гирифтам. Маълум шуд, ки аккаунти телеграмии ӯ аз ҷониби шахсони дигар истифода шудааст. Яъне, қаллобон ба “Телеграм”-и ӯ дастрасӣ пайдо карда, аз номи соҳиби воқеии аккаунт ба дигарон муроҷиат кардаанд.

Дӯстам гуфт, ки чанд нафар аллакай ба ӯ занг зада, дар бораи чунин паёмҳо хабар додаанд.

Барои фаҳмидани он ки қаллобон то куҷо пеш рафтаанд, мукотибаро идома додам ва рақами кортро пурсидам.

Аввал рақами кортеро фиристоданд ва гуфта шуд, ки аз «Алиф Бонк» аст. Рақамро дар ҳамёни мобилӣ санҷидам, аммо номи соҳиби корт пайдо нашуд. Ба қаллоб гуфтам, ки эҳтимол рақамро хато фиристодааст.

Баъд рақами дигарро фиристоданд. Ин дафъа гуфта шуд, ки корт аз «Душанбе Сити» аст. Номи соҳиби корт чунин нишон дода шуд: Aleksandr Morozov 9762000141276575. Аммо ҳангоми санҷиш дар ҳамёни мобилӣ низ чунин ном тасдиқ нашуд.

Баъд рақами телефони **+79366158978** фиристода шуд. Вақте пурсидам, ки ин аз «Душанбе Сити» аст, посух мусбат буд. Яъне, тасдиқ карда шуд, ки рақам аз ҳамин бонк аст.

Ин ҷо саволи муҳим ба миён меояд. Оё «Душанбе Сити» ба шаҳрванди хориҷӣ корт медиҳад? Ба кадом рақам ва чӣ талабот? Албатта, ин ҷо мақсад айбдор кардани ягон ташкилоти молиявӣ нест. Баръакс, ҳолати мазкур зарурати гирифтани ҷавоби расмӣ ва равшан аз «Душанбе Сити»-ро ба миён мегузорад. Саволи дигар ин аст, ки оё шаҳрванди хориҷӣ, масалан бо номи Aleksandr Morozov метавонад дар «Душанбе Сити» корти пардохтӣ ё ҳисоби электронӣ кушояд? Агар ҷавоб ҳа бошад, ҳангоми кушодани корт шахсияти чунин муштарӣ чӣ гуна тасдиқ мешавад? Оё барои шаҳрвандони хориҷӣ ҳуҷҷатҳои иловагӣ талаб карда мешаванд? Оё рақами телефон, ҳуҷҷати шахсият ва дигар маълумоти муштарӣ бо ҳам муқоиса мешаванд? Муҳимтар аз ҳама, чӣ гуна метавонад пеши роҳи истифодаи кортҳои воқеӣ барои интиқоли маблағҳои қаллобӣ гирифта шавад? Ин саволҳо аз он ҷиҳат муҳиманд, ки дар ҳолати мазкур қаллоб худро соҳиби корти «Душанбе Сити» муаррифӣ кард.

Албатта, танҳо аз рӯйи рақами корт ё номи дар мукотиба овардашуда наметавон гуфт, ки чунин шахс воқеан муштарии «Душанбе Сити» аст. Эҳтимол рақам ба шахси дигар тааллуқ дошта бошад, маълумоти нодуруст пешниҳод шуда бошад ё қаллоб умуман номи шахси дигарро истифода бурда бошад. Аммо ин номуайянӣ зарурати шарҳи расмиро бештар мекунад.

Қаллоб чӣ мехост? Барои санҷидани нияти ӯ навиштам, ки 5 500 сомонӣ надорам ва танҳо 417 сомонӣ дар кортам ҳаст. Интизор будам, ки дар ҷавоб ба ин қаллоб чӣ посух медиҳад. Аммо баъд аз ин мукотиба якбора қатъ шуд. Ӯ тамоми навиштаҳои худ ва ҳатто маро дар “Телеграм” пок кард.

Ин амал шубҳаро боз ҳам бештар кард. Агар мақсади ӯ воқеан гирифтани қарз мебуд, чаро пас аз пешниҳоди маблағи камтар тамоми мукотибаро нест кард?

## ҚАЛЛОБОН АЗ БОВАРӢ ИСТИФОДА МЕБАРАНД

Ҳодисаи мазкур нишон медиҳад, ки қаллобии рақамӣ дигар танҳо ба паёмҳои дорои «шумо соҳиби миллион шудед» маҳдуд нест. Имрӯз қаллоб метавонад аккаунти “Телеграм” ё “Вотсап”-и шахси шиносро аз худ кунад, аз номи дӯст ё наздикон пул талаб кунад. Ҳатто рақами корти бонкӣ ирсол намояд ё худро ҳамчун намояндаи бонк, ташкилот ё ширкати шинохта муаррифӣ кунад. Шахсро барои қабули қарори зуд зери фишор гузорад. Баъд аз гирифтани маълумот ё маблағ мукотибаро пок намояд.

Дар чунин ҳолат курбонӣ на ба паёми шахси бегона, балки ба паёми шахсе, ки ба ӯ эътимод дорад, бовар мекунад. Маҳз ҳамин ҷиҳат қаллобиро хатарноктар месозад.

Яке аз роҳҳои дигари маъмули қаллобӣ истифодаи пайвандҳои шубҳанок мебошад. Қаллобон метавонанд паём фиристанд, ки гӯё дар он бурд, тахфиф, кумаки молиявӣ ё пешниҳоди ҷолиб мавҷуд аст. Пас аз ворид шудан ба чунин сомонаҳо аз корбар маълумоти корти бонкӣ, рамзҳо ё дигар маълумоти шахсӣ талаб карда мешавад. Аз ин рӯ, боз кардани ҳар пайванди ношинос хатарнок аст.

**(Давомаш дар саҳ. 7)**

## ХАРБУЗАРО КӢ МЕХАРАД?

**Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон чойхонаи маъруф ба “Харбуза” дар шаҳри Ҳисорро бори чорум ба фурӯш гузоштааст. Нархи ин иншоот, ки наздики ду сол боз харидор намеёбад, беш аз 34,9 миллион сомонӣ (зиёда аз 3 млн доллар) муайян шудааст.**

Ин ниҳод гуфтааст, музоядаи навбатӣ рӯзи 8-уми сентябр дар бинои чойхонаи мазкур баргузор мешавад. Масоҳати замини чойхона 4,8 гектар буда, масоҳати бинои он 4335,2 метри мураббаъ мебошад. Масъули баргузории музояда Корхонаи воҳиди давлатии ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи сармоягузорӣ мебошад.

Мақомот наздики ду сол аст барои фурӯши чойхонаи “Харбуза” дар шаҳри Ҳисор талош доранд. Ин чойхона то кунун ба таври расмӣ се бор ба музояда гузошта шуд, вале харидор пайдо накард. Бори охир рӯзи 11-уми марти соли ҷорӣ музоядаи ин бино баргузор шуд. Он замон ҳам нархаш беш аз 34,9 млн сомонӣ буд.

Султон Раҳимзода, раиси Кумитаи сармоягузорӣ рӯзи 28-уми июл, дар нишасти матбуотӣ сабаби харидор пайдо накардани чойхонаи “Харбуза”-ро ба гарон будани арзиши он рабт дод. Ӯ афзуд, ки соҳибкорон барои харидани он пардохти зина ба зинаи маблағ пешниҳод кардаанд, вале бинобар набудани чунин меъёр дар қонунгузорӣ пазируфта нашуд.

Чойхонаи миллии “Харбуза” бо сарфи қариб 35 млн сомонӣ бунёд шудааст. Ин бино 10 сол пеш ифтитоҳ шуд, аммо, ба қавли коршиносон, он самаранок истифода нашуд. Ба қавли сокинон, ин чойхона баъди ифтитоҳ се моҳ фаъолият кардаасту халос.

Тибқи маълумоти расонаҳо Муродалӣ Алимардон - раиси пешини “Агроинвестбонк” сармоягузори “Харбуза” аст.

Чойхона аз ду ошёна иборат буда, ошёнаи дуюмаш, ки 2000 метри мураббаъ аст, шакли харбузаро дорад. Баландии чойхона 43 метр, дарозиаш 100 метр, бараш 55 метр мебошад. Гуфта мешуд, ки дар ошёнаи якум панҷ ошхона, дар ошёнаи дуюми он барои 1 ҳазору 300 меҳмон ҷой пешбинӣ шудааст.

# ҚАҲРАМОНЕ МИСЛИ Ӯ ДИГАР НАОЯД!

**АГАР ИМРӮЗ СУХАН АЗ МУҚОВИМАТ, ОЗОДӢ, АДОЛАТ Ё АФҒОНИСТОН РАВАД, ПЕШИ НАЗАР АКСИ АҲМАДШОҲ МАСЪУД НАМУДОР МЕГАРДАД.**

Аҳмадшоҳ Масъуд яке аз мардони адолатхоҳу озодихоҳ, ватанпарвару хештаншинос, фидоиву шикастнопазир, нотарсу шуҷоъи сарзамини Хуросони бузург буд. Роҳе, ки Масъуд интихоб кард - роҳи озодӣ, истиклол, сулҳ, адолат, ҳақиқат ва ҳақ буд.

Аҳмадшоҳ Масъуд дар он ҷавонӣ ба синну соли худ нигоҳ накарда, роҳеро интихоб кард, ки қалби бузург, ҷуръат, матонат, шуҷоатро мехост, роҳеро интихоб кард, ки аз он роҳ зинда баргаштан ғайриимкон буд, роҳеро интихоб кард, ки дар он танҳо озодиро орзу мекарданд, роҳеро интихоб кард, ки аз тамоми орзуву ормонҳояш барои озодӣ гузар кунад. Агар имрӯз сухан аз муқовимат, озодӣ, адолат ё Афғонистон равад, пеши назар акси Аҳмадшоҳ Масъуд намудор мегардад, зеро номи Масъуд ҳамрадифи ин калимот шудааст. Шаҳид Омир Соҳиб яке аз қаҳрамонони буд, ки барои адолат, озодӣ, фарҳанг, забон, адабиёт то охирин нафас алайҳи гурӯҳҳои нохалафу ситамгар дар ин роҳ мубориза бурд.

Муборизаи сисолаи Масъуд танҳо барои як миллат ё як давлат набуд. Балки ӯ аз кишварҳои ҳамсоя ва башарият низ ҳимоят карда, доманагирии терроризму экстремизмро дар саросари ҷаҳон пешгирӣ намуд.

Дар он рӯзҳои ноороми Тоҷикистон, ки ҷанги шаҳрвандӣ давом мекард, қатлу куштору ғоратгарӣ авҷ гирифта буд. Бисёре аз мардум ҳамчун гуреза ба хоки кишвари бародар - Афғонистон паноҳанда шуданд. Дар он солҳо бо роҳбарии устод, профессор Бурҳониддин Раббонӣ ва Аҳмадшоҳ Масъуд ду мулоқоти сатҳи олии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо раиси ИНОТ Саид Абдулло Нуриро дар Кобул (17-уми майи соли 1995) ва дар Толиқон (11-уми декабри 1996) баргузор намуданд, ки ин мулоқот дар сулҳи тоҷикон нақши калидӣ бозид, зеро пас аз он бӯйе аз сулҳ ба машом расид...

Беҳуда нест, ки раисҷумҳури Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои чунин қаҳрамонии Аҳмадшоҳ Масъуд ва Бурҳониддин Раббонӣ 2-юми сентябри соли 2021 бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро пас аз маргашон бо ордени Исмоили Сомонӣ дараҷаи як қадронӣ карданд.

Чуноне ки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон зикр кардаанд: "Аҳмадшоҳ Масъуд ҳаёти худро барои хизмат ба Ватан ва мубориза баҳри истиқлолияти вокеии Афғонистон, дар кишвар баркарор намудани низоми давлатдорие, ки ҷавобгӯи манфиатҳои тамоми қишру табақаҳои мухталифи ҷомеаи афғон бошад, бахшид. Ӯ натанҳо дар кишвари худ соҳиби обрӯю эътибори баланд буд, балки ӯро ҳамчун қаҳрамони ҳақиқии халқ ва ватанпарасти ростини кишвари худ берун аз Давлати исломии Афғонистон низ мешинохтанд ва эҳтиром мекарданд".

Қаҳрамониҳои Аҳмадшоҳ Масъуд фаромӯшнашаванда буда, ӯро дар радифи Че Гевара, Фидел Кастро, Мао Тседун, Иосип Броз Тито, Карлос Маригелла баробар медонанд, зеро муборизаи асосии Масъуд барои озодиву истиклолият буда, ӯро ҳамчун асосгузори ҷанги партизанӣ (чирикӣ) дар Афғонистон мешиносанд. Имрӯз дар тамоми кишварҳо Аҳмадшоҳ Масъудро мешиносанду кӯчаву хиёбон ва боғҳоро ба номаш гузошта, бо ифтихор кулоҳашро бар сару аксашро бар либос нашр карда, аз ӯ ба некӣ ёд мекунанд.

Дар поёни ин навишта як шеъри худро манзури хонандагон мегардонам.

## *Қаҳрамони Хуросони бузург*

*Марди майдон, марди мардон буд Масъуд,*
*Покному покимон буд Масъуд.*
*Бо ҳама якрӯву якдил буду ҳамроз,*
*Бемуҳобо, покшиҷдон буд Масъуд.*
*То абад ҷангид, баҳри сулҳ ҷангид,*
*Қаҳрамоне дар Хуросон буд Масъуд.*
*Сулҳ меорам бигуфту сулҳ овард,*
*Тозакору тозапаймон буд Масъуд.*
*Зинда ӯ дар қалбҳо, то ҷовидон,*
*Ӯ намемирад, ки чун ҷон буд Масъуд.*
*Қаҳрамоне мисли ӯ дигар наояд,*
*Марди мардони Хуросон буд Масъуд.*



**Беҳзод МАСЪУД,**
**донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**





**БО ЧАРХБОЛ АЗ КӮЛОБ БА АФҒОНИСТОН, БА ДАРАИ ПАНҶШЕР РАСИДЕМ. БЕГОҲ ҲАМРОҲИ ОДАМОНИ МАСЪУД САВОРИ МОШИНҲО ШУДА, БАРОИ МУЛОҚОТ БО АҲМАДШОҲ МАСЪУД, КИ ҲАНӮЗ ДАР ТОҶИКИСТОН БА МО ВАЪДА ДОДА БУДАНД, РОҲ СӮЙИ КӮҲИСТОН ПЕШ ГИРИФТЕМ.**

# «ОРТ» ДАР СУҲБАТИ МАСЪУД

Ногаҳон роҳ ба охир расид. Аз он ҷо ба баъд танҳо пайроҳаи танге мемонд, ки бар лаби ҷарӣ тӯл мекашид. Дар тарафи чап, садҳо метр поёнтар аз мо рӯди пуртуғёни Панҷшер меғуррид. Торикӣ чунон ғафс буд, ки танҳо он ҷиро дидан мумкин буд, ки нури моҳ аз дили шаб берун мекашид.

Он лаҳза ҳанӯз пурра дарк намекардам, ки дар чунин торикӣ аз ин пайроҳа гузаштан то чӣ андоза хатарнок аст. Пешопеши ман чанд роҳбаладе афғон ва тарҷумон мерафтанд. Аз пасам наворбардор Борис Арамов ва боз ду роҳбалад қадам мезаданд.

Шояд сӣ қадам нагузошта будам, ки поям лағжид. Аз зери мӯзаам санге канда шуда, ба поён сарозер гардид. Фосилаи миёни пайроҳа ва рӯд тақрибан ба баландии як бинои даҳошёна баробар буд. Як қадами нодуруст ва ҳама чиз метавонист ба поён расад...

Тарс вуҷудамро фаро гирифт. Дарҳол модарам ба ёдам омад ва бо худ андешидам: чӣ хуб, ки ӯ намедонад духтараш ҳоло дар куҷост.

Истодам ва ба роҳбаладон гуфтам:

- Бас, дигар намеравам. Метарсам.

Онҳо ором, вале қатъӣ ҷавоб доданд:

- Дигар роҳи бозгашт нест. Оҳиста ва боэҳтиёт пеш меравем.

Роҳро идома додам. Ҳар қадам бо заҳмат гузошта мешуд ва роҳ гӯё анҷом надошт.

Ниҳоят, аз дур ғоре намудор шуд.

Бо мулоҳизаҳои амниятӣ қароргоҳи Аҳмадшоҳ Масъуд дар ҳамин ҷо ҷойгир буд. Тоҷике, ки замоне бо муҷоҳидони худ бар зидди нерӯҳои шуравӣ меҷангид ва акнун раҳбарии Эътилофи Шимолро дар мубориза бо Толибон бар уҳда дошт. Ҳамон марде, ки он рӯзҳо ӯро «Шери Панҷшер» меномиданд.

Суҳбати мо бо Масъуд бо се забон ҷараён гирифт: андаке ба англисӣ, каме ба русӣ - ӯ русиро то андозае мефаҳмид - ва бештар ба забони дарӣ тавассути тарҷумон.

Ман аз ӯ дар бораи стратегияи Эътилофи Шимол ё нақшаҳои ҷангӣ алайҳи Толибон напурсидам.

Ба ҷойи ин гуфтам:

- Мебинед, зиндагӣ чӣ гардишҳое дорад. Ман дар Иттиҳоди Шуравӣ ба дунё омадаам, шумо бошед, бар зидди он ҷангидаед.

Ӯ оромона посух дод:

- Бале, зиндагӣ чизи мураккаб аст. Ман ва муҷоҳидонам вокеан бар зидди нерӯҳои Иттиҳоди Шуравӣ меҷангидем. Хадамоти иктишофии ҳар ду ҷониб кор мекарданд...

Сипас як воқеаро ба ёд овард.

Чанд соат пеш аз як ҳамлаи ҳавоӣ ба онҳо хабар расидааст, ки ҳавопаймоҳои шуравӣ дараи Панҷшерро бомбаборон хоҳанд кард. Ин маълумотро як афсар расонида будааст. Муҷоҳидони Масъуд фурсат ёфтаанд, ки омодагӣ бинанд: ангишт ҷамъ карда, онро миёни рӯймолҳои худ гузоштаанд ва рӯю сарашонро бо он печонидаанд, то дар миёни дуду ғубор нафас кашидан осонтар шавад ва зинда бимонанд.

- Барои мо ҷангидан осонтар буд,- мегуфт Масъуд.- Мо кӯҳҳоро мешинохтем, мо дар хонаи худ будем.

Аз ӯ пурсидам:

- Шумо барои худ роҳи зиндагии ҷангро интихоб кардед. Аммо барои фарзандонатон чӣ орзу доред?

Посухаш посухи як падар буд:

- Ман панҷ духтар ва як писар дорам. Барои духтарон осонтар аст: ба шавҳар мебароянд ва зиндагии оилавии худро доранд. Аммо барои писарам роҳи дигареро орзу мекунам. Мехоҳам ӯ мисли ман тактикаи ҷангро надонад. Касби осоишта омӯзад, донишманд шавад. Он гоҳ ман аз ӯ ифтихор мекардам.

Ин суханон маро сахт мутаассир карданд.

Ҷанговаре, ки орзу дорад писараш ҷанговар нашавад.

Марде, ки барои фарзандаш на шуҳрати ҷангӣ, балки сулҳу осоиш мехоҳад.

Он замон Эътилофи Шимол ба кумак сахт эҳтиёҷ дошт - ҳам ба ёрии низомӣ, ҳам башардӯстона ва ҳам ба инъикоси воқеаҳо тавассути воситаҳои ахбори омма.

Масъуд ба мо пешниҳод кард, ки урдугоҳи асирони ҷангии Толибонро низ бубинем. Рӯзи дигар гурӯҳи наворбардории мо бо тавсияи ӯ ба он ҷо рафт.

Теъдоди муҳофизон, бар хилофи интизорамон, хеле кам буд. Чунин менамуд, ки касе аз фирори асирон ҷандон нигарон нест. Аммо ба назари ман, баъзе аз асирони толиб гӯё дар ҳолати ғайриодӣ карор доштанд, шояд зери таъсири кадом моддае буданд, зеро бесабаб пайваста механдиданд.

Дар миёни асирон як нафар аз дигарон фарқ мекард.

Ӯ намехандид. Ором меистод: айнак дар чашм, риши парешон ва куртаи низомии камуфляжӣ дар тан дошт. Ба мо гуфтанд, ки ӯ 16 ҳамсар ва аз онҳо 23 фарзанд дорад. Номи ҳамаи ҳамсаронашро ба ёд оварда наметавонист, аммо номи ҳар яке аз 23 фарзандашро медонист.

Ман бо ӯ акс гирифтам.

Охир, боз дар куҷо мардеро мебинӣ, ки 23 фарзанд дошта бошад?

Ҳангоме ки аз он урдугоҳ берун мешудем, ман ба як чиз меандешидам: дар паси он симхорҳо чӣ қадар сарнавишт ва қиссаҳои инсонӣ боқӣ монданд...

Ҳатто агар онҳо қиссаҳои толибон бошанд...

**Татяна Логунова-Нугаева,**
**мухбири махсуси ОРТ дар Тоҷикистон ва Афғонистон дар солҳои 90-ум**

# АЗ АФЗОИШИ МАОШИ ОМӮЗГОРОН ТО НАФАҚАВУ СТИПЕНДИЯ

> **АЗ 1-УМИ СЕНТЯБРИ СОЛИ РАВОН МАОШИ ВАЗИФАВИИ КОРМАНДОНИ СОҲАҲОИ МАОРИФ, ИЛМ, ФАРҲАНГ, ВАРЗИШ, ТАНДУРУСТӢ ВА МУАССИСАҲОИ СОҲАИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ ЗИЁД КАРДА МЕШАВАД.**

Аз ҷумла, маоши кормандони муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ 25 фоиз зиёд мешавад.

Музди меҳнати кормандони дигари муассисаҳои соҳаи маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва муассисаҳои дигари буҷетӣ бошад, ба андозаи 20% зиёд карда мешавад. Стипендияи донишҷӯён низ 20 фоиз зиёд мешавад.

Музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар кормандони ин соҳа бошад, ба андозаи 20 фоиз зиёд карда шудааст.

Аз 1-уми сентябри соли 2026 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин иловапулӣ ба онҳо тибқи муқаррароти моддаи 51-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва андозаи нафақаи заминавӣ дар сатҳи таваррумӣ соли 2025, вале на кам аз 15 фоиз аз андозаи муқарраршудаашон индексатсия карда мешаванд.

Хотиррасон менамоем, ки зиёд кардани музди меҳнат зимни ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Парлумон 16-уми декабри соли 2025 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шуда буд.




# КОРТ БА НОМИ ШАҲРВАНДИ ХОРИҶӢ

**(Аввалаш дар саҳ. 5)**

Бино ба тавсияи мутахассисони соҳаи IT, барномаҳо низ беҳтар аст танҳо аз манбаъҳои расмӣ, аз ҷумла App Store ва Google Play гирифта шаванд.

### ҲУШЁРӢ - БЕҲТАРИН МУҲОФИЗАТ

Мутахассисони бонк борҳо гуфтаанд, ки рақами корт, муҳлати эътибор ва махсусан CVV-коди пушти корт набояд ба шахсони ношинос ирсол гардад. Ҳатто, агар шахс худро корманди бонк, шинос ё намояндаи ягон ташкилот муаррифӣ кунад, пеш аз додани маълумоти молиявӣ бояд шахсияти ӯ санҷида шавад. Дар ҳолати шубҳа беҳтарин роҳ мустақилона ба рақами расмии бонк занг задан аст, на ба рақаме, ки шахси шубҳанок мефиристад.

Ҳушёрӣ низ беҳтарин муҳофизат аст. Қаллобон метавонанд ҳар рӯз усулҳои нав пайдо кунанд, аммо қоидаи асосӣ тағйир намеёбад. Пеш аз фиристодани пул санҷидани шахсият ва маълумот муҳим аст. Агар аз аккаунти дӯстатон паёми «пул лозим» омад, ҳатман ба ӯ занг занед. Агар касе корт ё рақами телефоне фиристад, танҳо ба сухани ӯ бовар накунед. Агар пайванди шубҳанок омад, онро накушоед. Як занги телефонӣ метавонад аз талафи ҳазорҳо сомонӣ пешгирӣ намояд.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

# МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТӢ: АЗ ИСЛОҲОТИ НИЗОМИ ҚАБУЛ ТО

**Падару модарон ва даҳҳо ҳазор нафар хатмкунандагони мо бори дигар бовар ҳосил карданд, ки Маркази тестӣ сатҳи ҳақиқии дониш ва маҳорату малакаи шахсии ҳар як довталабро дуруст муайян мекунад ва дар кишвар барои рақобати солим шароит фароҳам меорад.**

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**



*Сабзалӣ ҶАЪФАРЗОДА, директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд: Марказ) бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва роҳандозии имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд: ИМД) аз ҷумлаи ислоҳоти муҳими соҳаи маориф дар даврони соҳибистиқлолӣ маҳсуб мешавад. Дар натиҷаи ин ислоҳот қабули довталабон ба макотиби таҳсилоти миёнаву олии кишвар тадриҷан ба низоми ягонаи арзёбӣ табдил ёфт, ки дар меҳвари он шаффофият, адолати иҷтимоӣ, баробарии имкониятҳо, рақобати солим ва истифодаи технологияҳои муосир қарор доранд. Имрӯз фаъолияти Марказ танҳо бо баргузории имтиҳон маҳдуд нашуда, рақамикунонии хидматрасониҳо, таҳлили натиҷаҳои арзёбӣ, иштирок дар пажӯҳишҳои байналмилалӣ ва истифодаи маълумоти воқеиро барои такмили сифати таҳсилот низ фаро мегирад.

### ИСЛОҲОТИ МУҲИМИ МАОРИФ ДАР РОҲИ ҚАБУЛИ ШАФФОФ ВА ОДИЛОНАИ ДОВТАЛАБОН

Дар низоми маорифи ҳар як давлати муосир қабули довталабон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аҳаммияти хос дорад. Маҳз дар ҳамин марҳала дониш, қобилият ва заҳмату омодагии шахс ба имтиҳонҳо бояд меъёри воқеии интихоби ӯ қарор гирифта, барои ҳар як ҷавон - новобаста аз маҳали зист, вазъи иҷтимоӣ ва имкониятҳои молиявӣ шароиту ҳуқуқи баробар фароҳам оварда шавад.

Аз ин рӯ, ташкили низоми боэътимоди арзёбӣ ва қабули одилонаи довталабон на танҳо масъалаи ташкилии соҳаи маориф, балки ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоӣ ва рушди сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад.

Дар Тоҷикистон яке аз иқдомҳои муҳими даврони соҳибистиқлолӣ дар ин самт таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳандозии низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ гардид. Ин иқдом низоми қабули довталабонро ба марҳалаи нави рушд ворид намуда, дар он муносибати ягона ба арзёбӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, шаффофияти равандҳо ва баробарии имкониятҳо мавқеи муҳим пайдо кард.

### АЗ ЗАРУРАТИ ИСЛОҲОТ ТО ТАШКИЛИ НИЗОМИ ЯГОНАИ ҚАБУЛ

Ташкили низоми нави қабули донишҷӯён раванди якрӯза набуда, аз зарурати муҳими иҷтимоӣ ва давлатӣ сарчашма гирифтааст. Бо мақсади бунёди низоми муосиру мутамаркази арзёбӣ 5-уми марти соли 2008 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №114 муассисаи давлатии «Маркази миллии тестӣ» таъсис ёфт. Баъдан, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми феврали соли 2014, №138 дар заминаи он Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Моҳияти ин ислоҳот танҳо дар тағйири шакли санҷиши дониш набуд. Тағйироти асосӣ дар худи муносибат ба қабули довталабон ба вуҷуд омад. Дар низоми нав натиҷаи довталаб бояд пеш аз ҳама ба сатҳи воқеии дониш ва омодагии ӯ вобаста бошад, на ба муносибатҳои шахсӣ ё дигар омилҳои берунӣ.

Аз ин ҷиҳат, ИМД-ро метавон як ислоҳоти муҳими сохторӣ ва технологӣ дар низоми қабули довталабон арзёбӣ кард. Он ҳамзамон аҳаммияти иҷтимоӣ дорад, зеро қоидаҳои ягонаи иштирок дар озмун имкон медиҳанд, ки довталабон дар асоси натиҷаи бадастовардаашон одилона рақобат намоянд.

### ШАФФОФИЯТ ҲАМЧУН УСУЛИ ФАЪОЛИЯТ

Шаффофият танҳо дар рӯзи баргузории имтиҳон таъмин намешавад. Барои он ки ин усул воқеан амал кунад, бояд дар тамоми марҳалаҳои қабул ба тартибу механизмҳои мушаххас табдил ёбад. Дар низоми ИМД чунин механизмҳо иттилоърасонии пешакӣ, бақайдгирӣ (номнависӣ, сабти ном) бо тартибу талаботи ягона, фарогирии маълумоти довталабон дар пойгоҳи ягонаи иттилоот, татбиқи меъёрҳои умумии имтиҳонсупорӣ, коркарди марказонидаи натиҷаҳо, истифодаи рамзгузорӣ ва технологияҳои намогирӣ, дастрасии довталаб ба натиҷаҳои имтиҳон ва нусхаи варақаи ҷавобҳои худ, инчунин тақсимот ба воситаи барномаву модулҳои компютериро дар бар мегиранд.

Яке аз бахшҳои муҳимтарини низоми қабул озмуни тақсимоти довталабон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбист. Соли 2026 ба воситаи низоми ИМД ба 42 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, 4 филиали донишгоҳу донишкадаҳо, 78 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 9 филиали коллеҷҳо донишҷӯён қабул карда шуданд.

Тақсимот бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, алгоритм ва барномаи махсус анҷом шуда, мавқеи довталаб аз рӯйи бали бадастоварда ва афзалияти интихобҳои худи ӯ муайян мегардад. Натиҷаи тақсимот ба меъёрҳои пешакӣ муайяншуда ва маълумоти дар низом воридшуда такя мекунад. Чунин тартиб барои ҳифзи ҳуқуқи довталаб ва пешгирии таъсиррасонии ғайриқонунӣ ё берунӣ мусоидат менамояд.

Ҳуқуқи апеллятсия низ яке аз унсурҳои муҳими арзёбии одилона аст. Довталаб метавонад нисбат ба натиҷаҳои имтиҳон, аз ҷумла дар ҳолати эҳтимоли ғалат будани савол ё арзёбии нодуруст ба комиссияи апеллятсионӣ муроҷиат намояд. Ин имконият нишон медиҳад, ки шаффофият танҳо эълони натиҷа нест; он фароҳам овардани имкони санҷиши натиҷа ва ҳимояи ҳуқуқи довталабро низ дар бар мегирад.

### ЭЪТИМОД - НАТИҶАИ ШАФФОФИЯТИ ВОҚЕӢ

Ҳар низоми имтиҳонӣ ба дараҷае самарабахш аст, ки иштирокдорони он ба натиҷаҳои низом эътимод дошта бошанд. Эътимод аз таъмини шаффофияту адолат, тартибу қоидаҳои равшан, имкони санҷиши натиҷаҳо ва баробар татбиқ шудани меъёрҳо барои ҳамаи довталабон ташаккул меёбад.Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар фаъолияти Марказ дар самти маҳдуд намудани таъсири омилҳои субъективӣ аҳаммияти хос дорад. Ҳар қадар равандҳо бештар бо қоидаҳои муайян, рамзгузорӣ, алгоритмҳо ва назорати чандзинаӣ амалӣ шаванд, ҳамон қадар имкони дахолати берунӣ ба натиҷаҳо маҳдуд мегардад. Аммо шаффофият танҳо масъалаи техникӣ нест. Он бо сатҳи огоҳии худи довталаб робитаи мустақим дорад. Довталаб бояд пеш аз бақайдгирӣ донад, ки кадом ихтисосҳоро интихоб карда метавонад, тартиби номнависӣ ва имтиҳонсупорӣ чӣ гуна аст, ҳуқуқу ухдадориҳои ӯ аз чӣ иборатанд ва тақсимот чӣ гуна анҷом дода мешавад.

Аз ин рӯ, фаъолияти иттилоотию таблиғ дар низоми ИМД мавқеи муҳим дорад. Соли 2026 корҳои иттилоърасонӣ дар се сатҳ - ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва муассисавӣ ба роҳ монда шуданд. Дар даври дуюми курси шиносоӣ дар 68 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ 4249 намояндаи мақомоти давлатӣ, сохторҳои маориф, директорон ва омӯзгорон иштирок карданд.

Вохӯриҳои мустақими кормандони Марказ 22 ҳазору 306 нафарро фаро гирифтанд. Ҳамзамон, таблиғгарони ИМД дар 3400 муассисаи таълимӣ бо 334 ҳазору 815 нафар хонанда, омӯзгор ва падару модар вохӯрданд.

Фаҳмонидани тартиби бақайдгирӣ, ҳуқуқу ухдадориҳои довталаб, интихоби дурусти ихтисос ва механизми тақсимот боиси огоҳона амал кардани довталаб гардида, вобастагии ӯро аз овозаҳо ва «маслиҳатҳои ғайрирасмӣ» коҳиш медиҳад.

Бо ҳамин мақсад соли 2026-ум 32 ҳазор нусха «Роҳнамои довталаб», 227 ҳазору 240 нусха маҷмуаи саволу масъалаҳои тести қисми А, 66 ҳазору 150 нусха маҷмуаи қисми Б ва 124 ҳазору 100 нусха «Ёддошт барои довталаб» нашр гардид. Ҳадаф равшан аст: довталаб бояд пеш аз тасмим барои иштирок дар ИМД маълумоти зарурӣ ва дастрас дошта бошад.

### РАҚАМИКУНОНӢ ВА ДАСТРАСИИ БЕШТАР БА ХИДМАТРАСОНИҲО

Рушди технологияҳои рақамӣ дар низоми ИМД ва осонтару дастрас намудани хидматрасониҳои электронӣ барои довталабон ҳамеша дар мадди назар аст.

Яке аз чунин имкониятҳо «Пешномнависӣ» аст, ки ба довталаб имкон медиҳад маълумоти шахсӣ, ҳуҷҷатҳо, комбинатсияҳои ихтисосҳо, забон ва макони имтиҳонсупориро пешакӣ ба низом ворид кунад.

«Кабинети инфиродӣ» низ воситаи муҳими иртиботи довталаб бо низоми ИМД аст. Дар он маълумоти инфиродӣ, нусхаи даъватнома, гурӯҳ ва комбинатсияҳои ихтисосҳо, ҷадвали имтиҳон, нусхаи варақаи ҷавобҳо, холу балҳо ва натиҷаи тақсимот дастрасанд. Натиҷаҳои имтиҳон ва тақсимотро тавассути SMS-паёмак, кабинети инфиродӣ, дафтари асосии Марказ ва нуқтаҳои иттилоърасонӣ низ метавон дастрас кард.

Рақамикунонӣ танҳо истифодаи воситаҳои электронӣ ва барномаҳои компютерӣ нест. Моҳияти он дар ин аст, ки қисми зиёди иттилоот ва хидматрасониҳо ба шакле пешниҳод мешаванд, ки довталаб бе вобастагии зиёд аз маҳали зист ба онҳо дастрасӣ пайдо кунад.

Соли 2026 дар 60 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ нуқтаҳои бақайдгирӣ ташкил шуда, дар 17 шаҳру ноҳияи дигар нуқтаҳои сайёр фаъолият карданд. Барои баргузории давраи асосии имтиҳонҳо 55 муассисаи таълимӣ дар 22 шаҳру ноҳия интихоб гардида, беш аз 1527 синфхона омода карда шуд. Беш аз 2620 нафар баъди омӯзишу санҷиш барои иҷрои корҳои муваққатӣ ҷалб шуданд.

Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки ИМД ба як раванди васеи ташкилию технологӣ табдил ёфтааст, ки дар он зерсохтор, кадрҳо, воситаҳои техникӣ, назорат ва хидматрасонӣ ба довталабон бо ҳам пайванданд.

# ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ АРЗЁБИИ ОДИЛОНА

### МИҚЁСИ НИЗОМ ВА ТАҒЙИРОТИ ОН ДАР СОЛИ 2026

Дар соли 2026 низоми ИМД 130 муассисаи таълимӣ - 42 муассисаи таҳсилоти олӣ ва 88 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбиро шомил буд. Дар заминаи синфи 11-ум 880 ихтисос пешниҳод шуда, бо дарназардошти муассиса, шакл ва намуди таҳсил аз рӯйи 6069 комбинатсияи ихтисос қабул ба роҳ монда шуд.

То 30-юми июни соли 2026 нақшаи қабули муассисаҳои таҳсилоти олӣ 74 ҳазору 510 ҷойро ташкил дод. Аз ин шумора 13 ҳазору 276 ҷой ройгон ва 61 ҳазору 234 ҷой пулакӣ буданд. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2025 ба 15,78 дарсад зиёд аст.

Барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар заминаи синфи 11-ум 33 ҳазору 445 ҷой ва дар заминаи синфи 9-ум 22 ҳазору 435 ҷой пешбинӣ гардид.

Аммо танҳо афзоиши нақшаи қабул ҳанӯз маънои пурра ҳал шудани масъалаи дастрасӣ ба таҳсилро надорад. Барои таҳлили воқеии вазъ бояд ба сохтори талаботи довталабон ва мутобиқати он ба имкониятҳои мавҷуда низ таваҷҷуҳ кард. Омор нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳи довталабон ба гурӯҳҳои гуногуни ихтисосҳо яксон нест. Таносуби довталабон ба нақша дар гурӯҳи табиӣ ва техникӣ 72,81 дарсад, иқтисод ва география 89,10 дарсад, филология, педагогика ва санъат 157,14 дарсад, ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ 138,30 дарсад ва тиб, биология ва варзиш 131,16 дарсадро ташкил дод. Ин нишондиҳандаҳо нишон медиҳанд, ки омори қабул метавонад барои таҳлили тамоюлҳои интихоби касб ва муносибати талабот ба имкониятҳои мавҷудаи таҳсил низ истифода шавад.

### АФЗОИШИ ФАРОГИРӢ - НИШОНАИ ДАСТРАСИИ БЕШТАР

Дар давраи якуми бақайдгирии соли 2026 дар заминаи синфи 11-ум ва таҳсилоти касбӣ 116 ҳазору 568 довталаб номнавис шуданд, ки нисбат ба соли 2025 ин 32,82 дарсад зиёд аст. Дар заминаи синфи 9-ум шумораи номнависшудагон 22 ҳазору 605 нафарро ташкил дода, 14,76 дарсад афзуд.

Ҷамъбасти ду давраи бақайдгирӣ дар заминаи синфи 11-ум ва таҳсилоти касбӣ 124 ҳазору 323 сабтро нишон дод. Дар заминаи синфи 9-ум 25 ҳазору 131 сабт сурат гирифт.

Афзоиши шумораи довталабонро метавон ҳамчун нишонаи густариши фарогирии низоми қабул арзёбӣ кард. Ҳамзамон, чунин омор барои дарки тағйироти талабот нисбат ба таҳсилоти касбӣ ва таҳлили интихоби гурӯҳҳои ихтисосҳо муҳим аст.

Дар соли таҳсили 2025-2026 аз 148 ҳазору 373 хатмкунандаи синфи 11-ум дар ду даври бақайдгирӣ 110 ҳазору 979 нафар барои иштирок дар ИМД номнавис шуданд, ки аз онҳо 50 ҳазору 124 нафар духтар ва 60 ҳазору 855 нафар писар буданд.

### АЗ ҚАБУЛИ ДОВТАЛАБОН ТО ИСТИФОДАИ НАТИҶАҲО БАРОИ ТАКМИЛИ ТАЪЛИМ

Нақши Маркази миллии тестӣ имрӯз танҳо бо баргузории имтиҳон ва тақсимоти довталабон маҳдуд намешавад. Натиҷаҳои арзёбӣ метавонанд маълумоти муҳимро дар бораи сатҳи омодагии хатмкунандагон, мушкилоти фаннӣ ва тафовутҳои мавҷуда нишон диҳанд.

Аз ин нуқтаи назар, натиҷаҳои ИМД метавонад ҳамчун яке аз манбаъҳои маълумот барои дарки вазъи таълим истифода шавад: муайян кардани самтҳое, ки хонандагон дар онҳо мушкилӣ доранд, маълум намудани ниёзҳои минтақаҳо ва масъалаҳое, ки ба такмили барномаҳои таълимӣ ё рушди маҳорати омӯзгорон вобастаанд. Бинобар ин, арзиши натиҷаи имтиҳон танҳо дар муайян кардани ҷойи довталаб дар озмун нест. Маълумоти ҷамъоваришуда метавонад барои қабули қарорҳои асоснок дар соҳаи маориф низ аҳаммият дошта бошад. Гузариш аз «имтиҳон ҳамчун воситаи қабул» ба «арзёбӣ ҳамчун манбаи маълумот барои рушди маориф» яке аз самтҳои муҳими рушди минбаъдаи низом мебошад. Соли 2026 дар олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ 1217 нафар иштирок карда, 453 нафар соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ шуданд. Дар се озмуни марбут ба бурсияҳои таҳсилӣ ва Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» низ 693 нафар иштирок карданд.

### МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТӢ ВА АРЗЁБИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Яке аз самтҳои фаъолияти оинномавии Марказ гузаронидани мониторинги сифати таҳсилот ва арзёбии дониши хонандагон тавассути пажӯҳишҳои миллӣ ва байналмилалӣ аст.

Тибқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ҷорӣ намудани механизмҳои самараноки арзёбии сифати таҳсилот ва иштирок дар таҳқиқоти байналмилалии PISA, TIMSS, PIRLS ва дигар барномаҳо аз ҷумлаи самтҳои муҳими ислоҳот ба ҳисоб меравад.

PISA таҳқиқоти байналмилалии муқоисавии сифати таҳсилоти умумӣ буда, дониш ва малакаю маҳорати хонандагони 15-соларо дар се самт - саводи хондан, саводи математикӣ ва саводи илмҳои табиатшиносӣ арзёбӣ мекунад. Мақсади асосии он муайян намудани қобилияти хонандагон барои дар амал истифода намудани дониш аст. Таҳқиқоти асосии PISA аз 2-юм то 25-уми апрели соли 2025 дар 160 муассисаи таълимии шаҳри Душанбе баргузор гардид. Дар бахши тест 5777 хонандаю таълимгиранда иштирок карданд, ки 5094 нафарашон тестро ба забони тоҷикӣ ва 683 нафар ба забони русӣ супориданд.

Дар доираи PIRLS 2026 аз Тоҷикистон 171 муассисаи таълимӣ аз 52 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ иштирок карданд. Дар маҷмӯъ, 6991 хонандаи синфи чорум - 3359 духтар ва 3632 писар ба таҳқиқот фаро гирифта шуданд. Ин таҳқиқот ҷанбаҳои гуногуни саводи хондан, аз ҷумла дарки маъно, дарёфти маълумот, хулосабарорӣ, таҳлил ва истифодаи донишро дар бар мегирад.

Аҳаммияти иштироки кишвар дар чунин таҳқиқот дар имкони гирифтани маълумоти муқоисашаванда оид ба вазъи дониш ва малакаи хонандагону омилҳои ба онҳо таъсиррасон аст. Чунин маълумот метавонад барои такмили барномаҳои таълимӣ, рушди касбии омӯзгорон ва қабули қарорҳои асоснок истифода шавад. Ҳамин тариқ, доираи фаъолияти Марказ тадриҷан васеъ шуда, аз вазифаи ибтидоии ташкили қабули довталабон ба самти арзёбӣ, таҳлили маълумот ва иштирок дар таҳқиқоти байналмилалӣ низ густариш ёфтааст.



### ИСЛОҲОТЕ, КИ БА ТАКМИЛИ ДОИМӢ НИЁЗ ДОРАД

Ҳар низоми муваффақ барои нигоҳ доштани самаранокии худ ба такмили пайваста ниёз дорад. Аз ин рӯ, рушди минбаъдаи низоми ИМД низ бояд бо таҳлили таҷрибаи ҷамъшуда, ошкор намудани масъалаҳои ҳалталаб ва ҷорӣ намудани роҳҳои нави такмил алоқаманд бошад.

Дар баробари дастовардҳо, масъалаҳое низ боқӣ мемонанд, ки такмили минбаъдаро тақозо мекунанд. Пешниҳоди саривақтии нақшаҳои қабул, ягонасозии рамз ва номи ихтисосҳо, истифодаи фаъолтари хидматрасониҳои электронӣ, таҳлили сохтори интихоби довталабон ва мутобиқсозии имкониятҳои қабул ба талаботи воқеӣ аз ҷумлаи чунин масъалаҳоянд. Дар марҳалаи имрӯза рақамикунонии минбаъдаи равандҳо, таҳлили босифати маълумот, амнияти иттилоотӣ, роҳнамоии касбӣ ва истифодаи самараноки натиҷаҳои арзёбӣ барои такмили сифати таълим аҳаммияти бештар пайдо мекунанд. Ин нишон медиҳад, ки вазифаи низоми тестӣ бо ташкили қабули марказонидашуда анҷом намеёбад. Ҳар қадар низом рушд кунад, ҳамон қадар талабот ба сифати иттилоот, дақиқии арзёбӣ, дастрасии хидматрасониҳо ва истифодаи натиҷаҳо барои қабули қарорҳои самаранок бештар мегардад.

### ЭЪТИМОД ҲАМЧУН АРЗИШИ АСОСИИ НИЗОМ

Агар фаъолияти Маркази миллии тестиро дар як мафҳум ҷамъбаст кунем, ин мафҳумро метавон «эътимод» номид: эътимоди довталаб ба арзёбии одилона, эътимоди падару модар ба қоидаҳои ягона ва эътимоди давлат ба маълумоти воқеие, ки метавонад барои таҳлил ва такмили соҳаи маориф истифода шавад.

Эътимод падидаи якдафъаина нест. Он ҳар сол, дар ҳар марҳалаи бақайдгирӣ, баргузории имтиҳон, коркарди натиҷаҳо, апеллятсия ва тақсимот бозсозӣ мешавад ва такмил меёбад.

Дар солҳои аввали таъсиси Марказ вазифаи асосӣ ташкили механизми нави қабули довталабон буд. Имрӯз вазифаҳои дигар низ пеш омадаанд: истифодаи васеи имкониятҳои рақамӣ, такмили таҳлили маълумот, таъмини амнияти иттилоотӣ, рушди хидматрасониҳои электронӣ, беҳтар намудани роҳнамоии касбӣ ва самараноктар истифода бурдани натиҷаҳои арзёбӣ.

Дар ин раванд таҷрибаи ҷамъшудаи Марказ аҳаммияти муҳим дорад, зеро низоми арзёбӣ танҳо дар сурате метавонад ба рушди маориф мусоидат кунад, ки натиҷаҳои он на танҳо барои муайян намудани ғолиби озмун, балки барои дарки вазъи воқеии дониш ва омодагии довталабон низ истифода шаванд.

### БА СӮЙИ НИЗОМИ БОЗ ҲАМ МУОСИРТАР

Дар шароите, ки рушди ҳар давлат бештар ба сифати сармояи инсонӣ, сатҳи дониш ва омодагии касбии шаҳрвандон вобаста мегардад, низоми одилонаи интихоб ва арзёбӣ аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунад. Ҳар довталабе, ки бо дониш, қобилият ва заҳмати худ ба муассисаи таълимии таҳсилоти касбӣ роҳ меёбад, танҳо ба ҳадафи шахсии худ ноил намешавад. Ӯ дар оянда метавонад ба яке аз нерӯҳои созандаи ҷомеа табдил ёбад.

Дар 35 соли соҳибистиқлолии Тоҷикистон низоми маориф марҳалаҳои гуногуни ислоҳотро паси сар кардааст. Таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳандозии ИМД аз ҷумлаи он иқдомҳое ҳастанд, ки тартиби қабули довталабонро тағйир дода, принсипҳои шаффофият, адолат, рақобати солим ва баробарии имкониятҳоро ба механизмҳои амалии қабул пайвастанд. Низоми ИМД пайваста таҳкиму такмил меёбад: фарогирии довталабон зиёд мешавад, имкониятҳои қабул васеъ мегарданд, хидматрасониҳои электронӣ рушд мекунанд, шабакаи нуқтаҳои бақайдгирӣ ва марказҳои имтиҳонӣ такмил меёбад ва натиҷаҳои арзёбӣ барои таҳлили вазъи таълим бештар аҳаммият пайдо мекунанд. Аммо арзиши асосии ин раванд танҳо дар афзоиши рақамҳо нест. Аҳаммияти воқеии он дар ин аст, ки дар низоми қабули довталабон тадриҷан фарҳанги нави арзёбӣ ташаккул меёбад - фарҳанге, ки дар он тартибу қоидаҳои ягона, меъёрҳои муайян, истифодаи технология, дастрасии иттилоот ва масъулияти ниҳодҳои дахлдор бо ҳам пайвастанд. Аз ин рӯ, фаъолияти Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бояд на танҳо ҳамчун баргузории як маъракаи ҳарсолаи имтиҳонӣ, балки ҳамчун қисми муҳими ислоҳоти пайвастаи давлатӣ дар самти таҳкими адолати иҷтимоӣ, васеъ намудани баробарии имкониятҳо, рушди низоми арзёбӣ, истифодаи маълумоти боэътимод барои такмили сифати таҳсилот ва бунёди ҷомеаи донишмеҳвар арзёбӣ кард. Маҳз дар ҳамин пайвастагӣ - арзёбии одилона, имконияти баробар, маълумоти муътамад ва истифодаи оқилонаи натиҷаҳо - аҳаммияти воқеии низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ва нақши Маркази миллии тестӣ дар рушди маорифи кишвар ифода меёбад.

# РОҲНИГОҲДОРЕМ, ТО ДИГАРОН РОҲ ПАЙМОЯНД

**ШОҲИДИ ОН БУДЕМ, КИ БАР АСАРИ БЕНИЗОМИЮ НОБАСОМОНИҲОИ СОЛҲОИ 90-УМИ АСРИ XX КОРИ НАҚЛИЁТ, ҲОЛАТИ РОҲҲО, ПУЛҲО ВА ИНШООТИ ДИГАР ФАЛАҶ ШУДА БУД. АКСАРИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТӢ КОРНОШОЯМ ГАРДИДА, РОҲҲОИ АСОСИИ МОШИНГАРД ҲОЛАТИ ХАРОБУ ҲУЗНАНГЕЗ ДОШТАНД.**



*Нодирҷон САФАРОВ,*
*директори филиали Ширкати саҳомии “Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*





Ба хотири расидан ба Ваҳдати миллӣ ва барқарорсозии иқтисоди кишвар пеш аз ҳама таъмини рафтуомад ва робита зарур буд. Ҳамон вақт Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо завқу идроки хоси сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ хеле дақиқкорона ин вазъиятро эҳсос намуда, гуфта буданд, ки «... яке аз масъалаҳои мушкили Тоҷикистон роҳ, аниқтараш, бероҳӣ мебошад. Истиқлоли иқтисодиро бе бунёди роҳҳои мошингард, хусусан роҳҳо ва пулҳое, ки Тоҷикистонро бо дигар мамлакатҳо мепайванданд, тасаввур кардан душвор аст».

Маҳз дар даврони соҳибистиқлолӣ ба шарофати бунёди роҳҳо ва нақбу пулҳо Тоҷикистони сепорча ба қаламрави воҳид табдил ёфт, яъне, робитаи заминии байни ҳамаи минтақаҳои он дар чор фасли сол таъмин гардид. Пайгирии масъала собит намуд, ки дар олам кам роҳе вуҷуд надорад, ки мисли роҳҳои давлати мо иншооти зиёд дошта бошад. Дидани роҳ, пулҳои бузург, долонҳои зиддитармавӣ ҳатман касро водор месозад, ки биандешад. Биандешад ва мутмаин гардад, ки роҳсозӣ низ яке аз соҳаҳои санъат мебошад.

Бо ин роҳу иншооти марбут ба он метавон ифтихор кард. Кӯҳҳои бузургу бас баландро шикофтанду роҳ сохтанд. Дарозтарин нақбҳои кишвар мавриди истифода қарор гирифтанд. Дар болои дарёҳо пулҳои бузургу замонавӣ сохта шуд. Шоҳкориҳои мазкур моро водор менамоянд, ки иқтидори инсонро бори дигар бештару беҳтар эътироф созем. Дар ин маврид гузашта низ пеши назар меояд. Роҳҳои харобу ранҷҳои беҳисоб, шукр, ки пушти сар шуданд. Кунун одамон ба дидори ҳамдигар бе мушкилӣ мерасанд. Ин ҳамаро, албатта, бояд шукр гуфт. Ва эътироф бояд намуд, ки ин дастовардҳо ба шарофати Истиқлол моро насиб гардид.

Нигоҳдории роҳ рисолатест, ки натиҷааш ба ҳама маълум аст. Вақте роҳ сохта мешавад, тамоми ҷомеа аз он истифода мебарад. Роҳҳо таъмиру навсозӣ мешаванд, пулҳо ва иншооти роҳсозӣ бунёд мегарданд, нақбҳо сохта мешаванд, роҳҳои кӯҳиву водӣ беҳтар нигоҳдорӣ мешаванд. Аммо сохтани роҳ танҳо як марҳила аст. Асфалти роҳ вақте фарсуда шуд, онро бояд иваз кард, тарма таври табиӣ рафъ намешавад, ҷӯйбори канори роҳ худ аз худ тоза намешавад. Аломати роҳ бе нигоҳубин ҳамеша равшан намемонад. Аз ин рӯ, пас аз анҷоми сохтмони роҳ кори дигар оғоз мешавад - нигоҳдории роҳ. Аз ин лиҳоз, роҳнигоҳдор дар канори роҳ танҳо як корманд нест. Ӯ моҳиятан нигаҳбони роҳи зиндагии мост.

Вақте дар бораи роҳсозӣ сухан мегӯем, одатан пеши назар техникаи бузург, муҳандисон, лоиҳакашон, пулҳо, нақбҳо ва шоҳроҳҳои муосир меоянд. Аммо дар канори ин ҳама як қувваи дигар низ ҳаст - меҳнати ҳаррӯзаи роҳнигоҳдор. Кишвари мо кӯҳсор аст. Роҳҳои Тоҷикистон аз водиҳо, дараҳо, ағбаҳо ва минтақаҳои кӯҳӣ мегузаранд. Дар чунин шароит нигоҳдории роҳ кори осон нест. Ҳар фасл мушкилоти худро дорад. Барои мисол, махсусияти фасли баҳор, пеш аз ҳама, ба бориши пуршиддати борон, лағзиши кӯҳпора ва омадани сел рабт дорад. Дар фасли тобистон бошад, таъмири ҷорӣ ва куллии роҳ самти афзалиятноки фаъолият аст. Дар тирамоҳ таваҷҷуҳи хоса ба рафъи пайомади бориши борон зоҳир мегардад. Зимистон бошад, бо назардошти бориши давомдори барф, тармафароии зиёд, яхбандии роҳ барои кормандони Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Тоҷикистон марҳилаи душвортарин маҳсуб мешавад. Ин касб аз инсон танҳо қувваи ҷисмонӣ не, балки сабр, интизом, масъулият ва муҳаббат ба меҳнат низ талаб мекунад.

Чун сухан дар бораи IRS равад, ки дар асоси шартномаи консессионӣ бо ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ нигоҳдории роҳи Душанбе - Чанок ба зиммааш вогузор аст, пеш аз ҳама, бояд мадди назар дошта бошем, ки фаъолияти он бо мақсади таҳкими ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ роҳандозӣ шудааст. Дар ин замина, IRS ҳамчун сармоягузор тамоми кӯшишро ба харҷ дода истодааст, то ҳолати роҳи Душанбе - Чанок ҷавобгӯи талабот бошад. Аксарият хуб медонанд, ки нигоҳдории роҳ осон нест ва хароҷоти бениҳоят зиёд дорад. Барои қиёс ва хулоса зикр бояд кард, ки таъмиру таҷдиди роҳи Душанбе - Чанок соли 2012 оғоз гардида, ҳамон сол 2000 тонна асфалт харҷ шуда буд. Тавре Маркази матбуоти филиали ширкат иттилоъ додааст, минбаъд ин нишондиҳанда тамоюли афзоишро касб карда, соли 2013 ба 6000 тонна, 2014 - 10000 тонна, 2015 - 15000 тонна, 2016 - 13575 тонна, 2017 - 51551 тонна, 2018 - 30864 тонна, 2019 - 49862 тонна, 2020 - 29377 тонна, 2021 - 55366 тонна, 2022 - 39916 тонна, 2023 - 25079 тонна, 2024 - 18408 тонна ва соли 2025 ба 25204 тонна асфалт расид. Дар маҷмуъ, давоми фаъолият барои таъмиру таҷдиди роҳи мазкур қариб 400000 тонна асфалт харҷ шудааст. Дар мавсими имсола низ таъмири ҷорӣ ва куллии роҳ босуръат, дар сатҳи хубу бо сифати баланд идома дошта, дар назар аст, ки барои таъмири куллӣ ва ҷории ҷодаи зикршуда чун нишондиҳандаҳои солҳои қаблӣ асфалт харҷ гардад.

Мантиқан пулакӣ шудани роҳи Душанбе - Чанок низ ба хотири сарфа намудани маблағҳои буҷети давлат ва минбаъд равона намудани он ба самтҳои дигар, аз ҷумла пардохти қарз амалӣ шудааст. Ба ибораи дигар, дар заминаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ин вазифа (нигоҳдории роҳ) ба зиммаи дувумӣ вогузор гардид. Меҳоҳам як нуктаи муҳимро таъкид намоям, ки пули барои истифодаи роҳ пардохтнамудаи аҳолӣ барои дар ҳолати хуб нигоҳ доштани роҳ, беҳтар намудани инфрасохтори нигоҳдории он ва харидории техникаву механизмҳои замонавӣ харҷ мешавад. Дар давоми фаъолият собит шуд, ки пулакӣ кардани ин роҳ тадбири оқилона буда, пеш аз ҳама, ба беҳдошти ҳолати роҳи стратегии кишвар дахл дорад.

Муҳим он аст, ки IRS барои дар сатҳи баланд ва ҷавобгӯй ба талаботи бахши роҳсозӣ амалӣ намудани вазифаҳояш имконият ва шароити зарурӣ, аз қабили мутахассисони болаёқат, корхонаҳои истеҳсоли асфалт, таҷҳизоти замонавӣ, техникаи пуриқтидорро доро буда, аз онҳо самаранок истифода мебарад. Бояд гуфт, ки фаъолияти Ширкат мисли оина ба ҳама равшан аст. Ба ибораи дигар, мо тавре фаъолият дорем, ки бурду бохт ва нақшаҳоямон барои ҳама бараъло равшан аст. Фаъолияти намунавӣ ва пурмаҳсули мо борҳо аз ҷониби ташкилоту созмонҳои бонуфуз дар сатҳи байналмилалӣ қадрдониву арҷгузорӣ шудааст. Ҳамкориҳои гуногунҷанба бо ташкилоту идораҳои марбута имкон фароҳам овардааст, ки заминаи моддӣ - техникӣ ва малакаи касбии кормандон беш аз пеш такмил ёбад. Самараи мусбати чунин иқдомот имрӯз бараълост ва аҳли ҷомеа низ рӯз то рӯз моҳият, ҳадаф ва бартарии фаъолияти ширкатро бояду шояд дарк намуда истодаанд.

Дар тасаввури аввал роҳ як қитъаи ҳаморест, ки мошин аз рӯйи он ҳаракат мекунад. Вале дар асл роҳ як низоми мураккабест, ки нигоҳубини доимӣ мехоҳад. Дар роҳе, ки нигоҳдориаш дар сатҳи хубу сифати баланд аст, барои ҳаракати бехатар шароит фароҳам мегардад. Аммо барои таъмини бехатарӣ ҳар рӯз корҳои зиёд, аз ҷумла назорати ҳолати роҳ, тоза кардани қитъаҳо аз сангу хок, бартараф намудани чуқуриҳо, тоза нигоҳ доштани ҷӯйбору обравҳо, насби аломатҳои роҳ, аз нав кашидани хатҳои уфуқӣ, тоза кардани роҳ аз барф ва ях, инчунин рафъи оқибатҳои ярч, тарма ва дигар зуҳуроти табииро анҷом додан лозим аст. Беҳуда нагуфтаанд: “Ҳама ободиҳо аз роҳи хуб аст”. Ҳамарӯза ашхоси касбу кори гуногун ба роҳ мебароянд. Дар назари аввал роҳ танҳо як масири муайян, амсоли аз хона то кор, аз як шаҳр ба шаҳри дигар, аз як ноҳия ба пойтахт ё аз бозор то деҳаи дурдаст аст. Аммо вақте жарфтар меандешем, ҳувайдо хоҳад шуд, паси ҳар километри роҳи обод, ҳар аломати роҳ, ҳар хати уфуқии кашидашуда ва ҳар қитъаи аз барфу санг тозагардида заҳмати роҳнигоҳдорон нуҳуфтааст. Манзур кормандони мо ҳастанд, мардоне, ки шабонарӯз дар ҷода қарор доранд, онҳое, ки новобаста аз сармои қаҳратуни зимистон, гармои тоқатфарсои тобистон, обхезиҳои харобиовари баҳорӣ ва борони пуршиддати тирамоҳ рисолати худро дар сатҳи хубу бо сифати баланд иҷро мекунанд.



## Александр Проханов:

# МАН ДАР ДОХИЛИ КУМИТАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА БУДАМ

**КУМИТАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА МЕТАВОНИСТ ЕЛТСИНРО БОЗДОШТ КУНАД, АММО ИН КОРРО НАКАРД. ГОРБАЧЁВ МЕТАВОНИСТ ВАКОЛАТҲОИ ЕЛТСИНРО БЕКОР НАМОЯД, ВАЛЕ НАКАРД… ЧАРО?**

19-уми августи соли 1991 ба Маскав техникаи зиреҳпӯш ворид карда шуд, телевизиони шуравӣ ба ҷойи барномаҳои пешбинишуда балети «Кӯли қувон»-ро намоиш дод ва гӯяндагон эълон карданд, ки барои идораи кишвар Кумитаи давлатии ҳолатҳои фавқулода (КДҲФ) таъсис ёфтааст. Мансабдорони баландпояи шуравӣ, ки ба ҳайати он шомил буданд, изҳор доштанд, ки бо сиёсати бозсозӣ ва кӯшишҳои Горбачёв барои «аз нав шакл додан»-и Иттиҳод розӣ нестанд. Аммо ҳамагӣ дар се рӯз КДҲФ комилан шикаст хӯрд, аъзои он боздошт шуданд ва раванди фурӯпошии ИҶШС суръат гирифт. Александр Проханов ҳамчун шоҳид ва иштирокчии он рӯйдодҳо назари худро дар бораи воқеаҳои 35 сол пеш ва нерӯҳое, ки пушти амалиёти табаддулотгарон меистоданд, баён кард.

### «ИҶШС ТИБҚИ НАҚШАИ СТРАТЕГӢ АЗ БАЙН БУРДА МЕШУД»

**- Александр Андреевич, бисёриҳо аз фурӯпошии ИҶШС афсӯс мехӯранд. Равшан аст, ки суқути як кишвари бузург ҳамеша фоҷиа ва мусибат барои миллионҳо одамон аст. Аммо саволе ба миён меояд: чаро вақте КДҲФ зоҳиран ба ҳимояи ин кишвар бархост, қариб ҳеҷ кас барои дастгирии он ба кӯчаҳо набаромад? Баръакс, даҳҳо ҳазор нафар ба ҳимояти Елтсин баромаданд. Шояд аксарият дигар ба чунин Иттиҳод эҳтиёҷ надоштанд ва КДҲФ-ро дастгирӣ накарданд?**

- Ман бо ҳамаи аъзои КДҲФ шинос будам ва бо баъзеашон дӯстӣ доштам. Пас аз шикасти КДҲФ ва баъди аз зиндон озод шудани онҳо, бо ҳар кадомашон мулоқот кардам. Мехостам бифаҳмам, ки ин чӣ ҳубоби асроромези сиёсӣ буд, ки ногаҳон варамиду баъд бо садои баланд таркид? Аммо ҳамаи онҳо ба ман мегуфтанд, ки ҳанӯз вақти сухан гуфтан дар ин бора нарасидааст. Онҳо гумон доштанд, ки асрори КДҲФ каме дертар, пас аз фурӯ нишастани эҳсосот ошкор хоҳад шуд. Вале яке паси дигаре аз дунё рафтанд ва ин розро бо худ ба гӯр бурданд. Бе ҳузури онҳо, дар тамоми умри дарозе, ки баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ гузаронидам, ҳамеша меандешидам: ин чӣ асроре буд? Ин тавтиа чӣ буд, КДҲФ аслан чӣ буд? Ва то имрӯз эҳсос мекунам, ки ҳар қадар ба ин роз наздик шавам ҳам, онро то охир кушода наметавонам.

Аммо имрӯз барои ман равшан аст, ки КДҲФ анҷоми амалиёти махсуси азиме барои аз байн бурдани Иттиҳоди Шуравӣ буд. ИҶШС тибқи нақшаи стратегие нобуд карда мешуд, ки аз ду марҳала иборат буд. Марҳалаи аввал, дар шуури мардуми шуравӣ кӯфтану нобуд кардани тамоми рамзҳо ва арзишҳое буд, ки давлати шуравӣ бар онҳо устувор буд; аз байн бурдани тамоми тасаввурот дар бораи бузургӣ ва аҳаммияти таърихии он. Дар натиҷа давлате, ки дар мудҳиштарин ҷанг пирӯзии бузург ба даст оварда, нахустин инсонро ба кайҳон фиристода буд, дар назари мардум тадриҷан ба як махлуқи ваҳшатноки зиддиинсонӣ, ба як таҷовузгари даҳшатбор табдил дода шуд, ки хандақҳои қатлро аз устухонҳои хунин пур мекард. Онро давлати ГУЛАГ, давлате меномиданд, ки деҳқонони бузурги русро нобуд кардааст... Зери таъсири ниҳоят пурқуввати ба истилоҳ ошкорбаёнӣ мардум ба ин бовар карданд, аз он ба даҳшат афтоданд ва аз давлати худ рӯ гардониданд. Дар шуури инсони шӯравӣ он дигар дастоварди олӣ маҳсуб намешуд.

**— Шумо бар он ақидаед, ки маҳз ба ҳамин сабаб дар моҳи августи соли 1991 мардум ба ҳимояти КДҲФ набаромаданд?**

— Албатта. Марҳалаи дуюми нақша ин буд, ки дар баробари маркази Иттифоқ, ки Горбачёв намояндагиаш мекард, маркази минтақавии мувозӣ бо роҳбарии Елтсин босуръат ташаккул меёфт. Вақте суханрониҳои Горбачёв ва Елтсин ва муқовимати шадиди миёни онҳоро таҳқиқ мекардам, бароям равшан буд, ки ҳар ду марказ аз ҷониби як ситод сохта шудаанд ва ҳамон як афрод ин низоъро идора мекунанд. Вақте ҷудоии маркази минтақавӣ аз маркази иттифоқӣ ба авҷи худ расид, танҳо як қадами охирин лозим буд: маркази Иттифоқ аз байн равад ва танҳо маркази минтақавӣ боқӣ монад. Барои ин ваколатҳои маркази Горбачёв, ки артиш, хадамоти иктишофӣ, молия ва ғайраро идора мекард, бояд ба Елтсин дода мешуд, то ӯ қисме аз онҳоро ба ҷумҳуриҳои дигар вогузорад ва иттиҳоде бо номи Иттиҳоди Шуравиро комилан аз ҳам пошад.

Маҳз ҳамин интиқоли ваколатҳоро КДҲФ таъмин кард. Бо зуҳури он як таваққуфи конститутсионӣ ба вуҷуд омад: Горбачёв аз Маскав ба Форос рафт ва ӯро гӯё бемору ғайри қобили фаъолият эълон карданд. Дар ҳамин муддат ваколатҳои Горбачёв мебоист ба Елтсин интиқол дода мешуданд.

Вақте, баъди шикасти КДҲФ, Горбачёв ба Маскав баргашт ва Елтсин ба ӯ гуфт, ки акнун тамоми қудрат дар дасти ӯст, Горбачёв мебоист вазифаи конститутсионии худро иҷро карда, бозгардонидани ҳокимиятро талаб мекард. Аммо ӯ чунин накард. Ӯ ваколатҳои худро ихтиёран ба Елтсин дод. Ин нишон медиҳад, ки Горбачёв аз ин амалиёт огоҳ буд ва медонист, ки КДҲФ василаи интиқоли ваколатҳои ӯ ба Елтсин аст. Вақте пас аз шикасти КДҲФ бо баъзе аъзои он суҳбат мекардам, онҳо мегуфтанд, ки худи Горбачёв созандаи КДҲФ будааст! Масалан, Тизяков, ки аъзои КДҲФ баъди пирӯзӣ ӯро ба мақоми сарвазирӣ пешбарӣ карданӣ буданд, ба ман гуфт, ки Горбачёв рӯйхати ҳайати КДҲФ-ро баррасӣ ва ба он тағйирот ворид мекард: касеро аз рӯйхат берун меовард ва каси дигарро илова мекард. Масалан, ӯ бо дасти худаш Стародубсевро ба рӯйхат ворид кардааст.

Ҳангоми баррасии таърихи КДҲФ ду чиз маро ба ҳайрат меовард. Якум: чаро КДҲФ аз хидмати рӯзноманигорони ватандӯст истифода набурд, то маъракаи бисёр пурқуввати бадномсозии Елтсинро оғоз кунад? Ба ҷойи ин, бо сабабе раққосаҳои машҳури «Кӯли қувон»-ро ба экран баровард. Масалан, ман мушоҳиди канорӣ набудам, дар дохили КДҲФ будам. Таҷрибаи ҷанги иттилоотӣ ва рӯзнома доштам ва метавонистам ба онҳо кумак кунам. Аммо, зоҳиран, ба онҳо иҷозат надоданд, ки маро бо он тундравӣ ва хашмам ба ҳайати худ шомил кунанд. Аҷобати дуюм ин буд, ки КДҲФ коммунистонеро, ки аз канор зада шудани ҳизб аз ҳокимият ва нобудшавии давлат саргардону дилшикаста буданд, ба ёрӣ нахонд. Гузашта аз ин, яке аз ҷонибдорони КДҲФ, котиби КМ ҲКИШ Олег Шенин, чанд соат пеш аз боздошташ тавассути духтараш ба рӯзномаи ман — «День» санадеро фиристод, ки дар он коммунистонро даъват мекард ба кӯчаҳо набароянд ва КДҲФ-ро дастгирӣ накунанд. Яъне КДҲФ ҳамчун як амалиёти махсуси маҳдуду кучак тарҳрезӣ шуда буд, ки ногаҳон пайдо мешуду зуд аз байн мерафт.

Дар ҷараёни ин амалиёт онҳо ҳатто натавонистанд Елтсинро боздошт кунанд ва бо ин роҳ маркази минтақавиеро, ки маркази иттифоқро ба чолиш кашида буд, безарар созанд. Фармони боздошти ӯро бояд раиси КГБ-и ИҶШС ва узви КДҲФ Крючков медод. Фурсати муносибе фароҳам шуда буд: Елтсин аз Қирғизистон ба Маскав баргашта, аз фурудгоҳ ба шаҳр мерафт. Гурӯҳҳои нерӯҳои махсус корвони мошинҳои ӯро диданд ва мунтазири фармон барои боздоштану интернатсия кардани Елтсин буданд. Аммо Крючков чунин фармон надод. Елтсин ба Маскав баргашт, болои танк баромад, КДҲФ-ро ғосиби ҳокимият хонд ва онро ғайриқонунӣ эълон кард.

Аъзои КДҲФ аз ин ба даҳшат афтоданд. Онҳо фаҳмиданд, ки нақшаашон шикаст хӯрдааст ва Елтсин безарар гардонида намешавад, бинобар ин бо ҳарос ба назди Горбачёв шитофтанд, то ёрӣ бихоҳанд. Аммо Горбачёв онҳоро аз Форос ронд ва ба дасти демократҳои пирӯз супурд. Ӯ ба ин ҷонибдорони худ чун маводи масрафшудае менигарист, ки нақшашро иҷро кардаву дигар ба ҳеҷ кор намеояд. Баъд худи Горбачёв ба Маскав баргашт, то кишварро ба дасти Елтсин бисупорад.

**— Шумо мехоҳед бигӯед, ки аъзои КДҲФ ҳам мисли Горбачёв ва Елтсин лӯхтак ва иҷрокунандагони нақшаи бегона буданд? Оё онҳо метавонистанд то ин дараҷа сода бошанд, ки инро нафаҳманд?**

— Бозӣ бо КДҲФ пинҳонӣ сурат мегирифт, чунон ки хадамоти махсус аксар вақт мекунанд. Худи аъзои КДҲФ гумон доштанд, ки кори хайреро анҷом медиҳанд: кишварро ба идораи муътадил бармегардонанд ва омосеро, ки Елтсин ном дорад, аз байн мебаранд. Онҳо гумон ҳам намекарданд, ки Крючков-горбачёвии вафодоре, ки дар миёнашон қарор дошт, аслан марги онҳост ва онҳо аз ибтидо ба шикаст маҳкум шудаанд...

Пас аз КДҲФ, дар солҳои 90-ум, дар Русия на ҳокимият буду на давлат ва на халқ. Дар ҳар идора як корманди СРУ менишаст, корхонаҳои моро нобуд мекард ва асрори низомии моро берун мекашид. Кишварро пора карданд, Беларус ва Украинаро аз Русия ҷудо сохтанд. Дигар ҷумҳуриҳоро намегӯям. Кишвар 300 соли рушди таърихии худро аз даст дод. Хушбахтона, имрӯз мо аз нав барои соҳибихтиёрии худ талош мекунем. Мо дар Украина бо тамоми Аврупо, бо ҳамон нерӯе, ки мехоҳад моро боз ба оғили бозсозӣ ва оғили солҳои 90-ум ронад, меҷангем. Ва аз ҳама бештар бояд ҳамон давлатеро қадр кунем, ки имрӯз дорем. Бигзор нокомил, гоҳе бесалиқа ва аз фасод заифшуда бошад, аммо давлат аст! Худо накунад, ки боз онро аз даст диҳем ва дубора ба он чоҳи даҳшатбори таърихӣ афтем, ки дигар ҳеҷ гоҳ аз он берун шуда натавонем. Ин давлат гаронбаҳотарин дороии мост.

### «ФИКР МЕКАРДАМ МАРО ПОРА-ПОРА МЕКУНАНД»

**— Ба ҳайати КДҲФ шахсиятҳои гуногун, аз ҷумла чеҳраҳои хеле баҳсбарангез шомил буданд. Масалан, сарвазири ИҶШС Павлов, ки ним сол пешислоҳоти пулии бисёр номақбулро гузаронида буд. Оё дар ҳайати кумита касоне буданд, ки шумо самимона эҳтиромашон мекардед?**

(Давомаш дар саҳ. 13)

**САЛОМАТИИ ДИЛ БА ТАРЗИ ҲАЁТ, ҒИЗО ВА МИҚДОРИ МОЕЪЕ, КИ ҲАР РӮЗ ИСТЕЪМОЛ МЕКУНЕМ, ВОБАСТАГИИ ЗИЁД ДОРАД. МУТАХАССИСОН ТАЪКИД МЕКУНАНД, КИ НӮШИДАНИ МОЕЪИ КОФӢ ВА ИНТИХОБИ ДУРУСТИ НӮШОКИҲО МЕТАВОНАД БАРОИ ФАЪОЛИЯТИ МУЪТАДИЛИ ДИЛУ РАГҲО АҲАММИЯТИ МУҲИМ ДОШТА БОШАД.**



# 4 НӮШОКӢ БАРОИ СОЛИМИИ ДИЛ

Об яке аз муҳимтарин нӯшокиҳо барои организм аст. Ҳангоми камобӣ ҳаҷми хун метавонад тағйир ёфта, кори дил барои нигоҳ доштани гардиши муътадили хун зиёд шавад. Аз ин рӯ, дар давоми рӯз ба қадри зарурӣ об нӯшидан муҳим аст. Миқдори зарурии об барои ҳар нафар вобаста ба синну сол, вазъи саломатӣ, обу ҳаво ва фаъолияти ҷисмонӣ фарқ мекунад.

Чойи сабз дорои антиоксидантҳо мебошад. Баъзе таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки истеъмоли мунтазами он метавонад ба нишондиҳандаҳои холестирин ва саломатии рагҳои хун таъсири мусбат расонад. Барои бисёр одамон нӯшидани чанд пиёла чойи сабз дар рӯз қобили қабул аст, аммо беҳтар аст онро бе шакар истеъмол кунанд.

Шарбати анор низ манбаи полифенолҳо ва дигар пайвастагиҳои антиоксидантӣ мебошад. Истеъмоли муътадили он метавонад ба ғизои солим иловаи хуб бошад. Бо вуҷуди ин, шарбати мева дорои қанд аст, бинобар ин онро аз ҳад зиёд нӯшидан тавсия намешавад. Қаҳва низ дар баъзе пажӯҳишҳо бо хатари камтари бемориҳои дилу раг алоқаманд дониста шудааст. Аммо таъсири он ба ҳар шахс гуногун буда, истеъмоли аз ҳад зиёди кофеин метавонад тапиши дил ё баландшавии фишори хунро ба вуҷуд орад. Аз ин рӯ, қаҳваро бо меъёр ва бе шакари зиёд нӯшидан беҳтар аст.



# ОЁ ҚУРУТ ШИФОБАХШ АСТ?

**ҚУРУТ ЯКЕ АЗ ҚАДИМТАРИН МАҲСУЛОТИ ШИРИИ ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ БА ШУМОР МЕРАВАД.**

Таърихи истифодаи он садҳо солро дар бар гирифта, дар зиндагии мардуми кӯчманчӣ, чӯпонон, мусофирон ва тоҷирон ҷойгоҳи муҳим доштааст. Сабукӣ, серғизоӣ ва имкони нигоҳдории тӯлонӣ сабаб мешуд, ки мардум қурутро ҳангоми сафарҳои дур бо худ бубаранд. Қурут асосан аз маҳсулоти ширӣ омода мешавад ва таъму таркиби он вобаста ба навъи шир метавонад фарқ кунад. Дар минтақаҳои гуногун шакли он низ яксон нест. Дар баъзе ҷойҳо қурутро гирд, дар дигар минтақаҳо байзашакл ё хамвор месозанд. Ранги он бештар сафед буда, баъзан вобаста ба навъи шир каме зардчатоб мешавад. Яке аз хусусиятҳои муҳими қурут арзиши ғизоии он аст. Дар таркибаш сафеда, калсий ва дигар минералҳо мавҷуданд, ки барои устухон ва мушакҳо заруранд. Аммо қурут одатан миқдори муайяни намак дорад. Аз ин рӯ, истеъмоли аз ҳад зиёди он тавсия намешавад, махсусан барои шахсоне, ки аз фишори баланди хун ранҷ мебаранд. Дар баъзе минтақаҳо ҳангоми тайёр кардани қурут ба он гиёҳҳои хушбӯй, аз ҷумла наъно ё зира ҳамроҳ мекунанд. Ин усул ба маҳсулот таъм ва бӯйи хос мебахшад. Дар Тоҷикистон қурут на танҳо ҳамчун ғизои мустақил истифода мешавад, балки яке аз ҷузъҳои асосии таоми маъруфи миллӣ - қурутоб низ мебошад. Қурутоб аз ҷумлаи хӯрокҳое аст, ки имрӯз ҳам дар дастархони тоҷикон ҷойгоҳи устувор дорад. Дар гузашта сокинони деҳот қурутро махсус барои захираи зимистона омода мекарданд. Афзалияти асосии он дар он буд, ки бе истифодаи яхдон муддати нисбатан дароз нигоҳ дошта мешуд. Аз ҳамин сабаб, қурутро метавон на танҳо маҳсулоти ғизоӣ, балки намунаи таҷрибаи қадимии мардум дар коркард ва нигоҳдории маҳсулоти ширӣ номид. Бо вуҷуди пайдо шудани навъҳои зиёди маҳсулоти муосир, қурут то имрӯз аҳаммияти худро аз даст надода, ҳамчун бахше аз фарҳанги ғизоии мардуми Осиёи Марказӣ боқӣ мондааст.

# МЕВАИ СЕРҒИЗО ВА МАНБАИ ВИТАМИНҲО

**АНҶИР АЗ ҶУМЛАИ МЕВАҲОИ СЕРҒИЗО ВА ХУШТАЪМ БУДА, АЗ ҚАДИМ ҲАМЧУН ҒИЗОИ МУФИД ИСТИФОДА МЕШАВАД. ТАРКИБИ БОЙИ ОН БОИС ШУДААСТ, КИ АНҶИР НА ТАНҲО ҲАМЧУН МЕВА, БАЛКИ ҲАМЧУН МАҲСУЛОТИ ДОРОИ АРЗИШИ БАЛАНДИ ҒИЗОӢ МАВРИДИ ТАВАҶҶУҲ ҚАРОР ГИРАД.**



Дар таркиби меваи анҷир аз 12 то 28 фоиз қанд, инчунин сафеда, оҳар, витаминҳои гуногун, намакҳои органикӣ ва унсурҳои зарурӣ, аз ҷумла оҳан, фосфор, калтсий, мис ва магний мавҷуданд. Анҷирро метавон тару тоза истеъмол кард, хушк намуд ё аз он шарбат ва дигар маҳсулот омода сохт. Яке аз унсурҳои муҳими таркиби анҷир мис мебошад. Ин элемент дар мубодилаи моддаҳо, ташаккули ҳуҷайраҳои сурхи хун ва фаъолияти муътадили организм нақши муҳим дорад. Ҳамчунин, анҷир дорои витамини B6 аст, ки барои фаъолияти системаи асаб аҳаммият дорад.

Дар таркиби анҷир витамини K низ мавҷуд буда, барои фаъолияти муътадили системаи дилу раг ва раванди лахташавии хун муҳим мебошад. Ғайр аз ин, анҷир аз нахҳои ғизоӣ бой аст. Нахҳо фаъолияти рӯдаҳоро беҳтар намуда, ба кори муътадили системаи ҳозима мусоидат мекунанд. Анҷир, махсусан навъи хушкшудаи он миқдори назарраси қанд дорад. Аз ин рӯ, онро бояд бо меъёр истеъмол кард. Бахусус шахсони гирифтори диабети қанд ё онхое, ки сатҳи қанди хунашон баланд аст, бояд ҳангоми истифодаи ин мева эҳтиёткор бошанд.

Дар тиби мардумӣ аз барги анҷир низ истифода мекунанд. Аз он чой ва дамоба омода мекунанд. Бо вуҷуди ин, истифодаи чунин воситаҳо барои танзими қанди хун набояд ҷойгузини табобати муқарраркардаи табиб гардад. Дар маҷмуъ, анҷир ҳангоми истеъмоли муътадил метавонад яке аз меваҳои арзишманд ва серғизои дастархон бошад.

## Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Аввали ҳафта корҳои нотамом хотиратонро каме парешон месозанд, вале бо заҳмату ҷиддият метавонед ҳамаи онҳоро ба анҷом расонед. Дар масъалаҳои касбӣ пешниҳоди ҷолибе пеш меояд, аммо пеш аз қабул кардан ҳамаи паҳлуҳои онро бодиққат баррасӣ намоед.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Ҳафта барои амалӣ намудани нақшаҳои деринаатон имкониятҳои хуб фароҳам меорад. Дар ҷойи кор масъулияти шумо бештар мегардад, вале натиҷаи меҳнататон ҳам дер намекунад. Дар масъалаҳои молиявӣ эҳтиёткор бошед ва хароҷоти беҳударо кам кунед.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Дар ин ҳафта аз шумо фаъолият ва ташаббуси бештар талаб мешавад. Мушкилие, ки дар оғоз душвор менамояд, дар асл зудтар аз интизоратон ҳал хоҳад шуд. Барои нишон додани дониш ва маҳорати худ имконияти муносиб пайдо мекунед.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Аввали ҳафта рӯҳияи шумо каме тағйирёбанда мешавад ва баъзе мушкилиҳои хурд метавонанд табъатонро хира созанд. Ба ҳиссиёт дода нашавед ва саросема хулоса набаред. Дар ҷойи кор заҳмати зиёд мекашед, вале меҳнататон бенатиҷа намемонад.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Ин ҳафта таваҷҷуҳи атрофиён ба шумо бештар мешавад. Метавонед қобилияту истеъдоди худро нишон диҳед ва аз ҷониби роҳбарият ё шахсони муҳим қадршиносӣ гардед. Аммо аз ҳад зиёд ба худ бовар кардан хуб нест.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Ҳафта барои тартиб додани нақшаҳои нав ва ба анҷом расонидани корҳои муҳим хеле мусоид аст. Худро фаъол эҳсос намуда, барои пешрафти касбӣ қадами ҷиддӣ мегузоред. Вале кӯшиш накунед ҳамаи масъулиятҳоро танҳо бар дӯш гиред.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Аввали ҳафта пурташвиш мегузарад. Нақшаҳоятон метавонанд тағйир ёбанд ва барои ҳал кардани масъалаи ногаҳонӣ вақти зиёд сарф шавад. Дар чунин ҳолат оромиро аз даст надиҳед. Бо сабру таҳаммул вазъият тадриҷан ба нафъи шумо тағйир меёбад.



***Ақраб***
***23.10 - 22.11***

Ин ҳафта ба шумо лозим меояд, ки нерӯи худро дуруст тақсим кунед. Дар оғоз корҳои зиёд ҷамъ мешаванд, вале кӯшиши ҳамаро якбора анҷом додан танҳо хастагиро зиёд мекунад. Ба масъалаҳои муҳимтар афзалият диҳед.



***Қавс***
***25.11 - 21.12***

Ҳафтаи нав бо рӯйдодҳои ғайричашмдошт оғоз мешавад. Шояд маҷбур шавед нақшаҳои худро тағйир диҳед, аммо ин тағйирот метавонад дар ниҳоят ба нафъи шумо анҷом ёбад. Дар ҷойи кор аз худ ташаббус нишон диҳед, зеро пешниҳодҳои шумо дастгирӣ хоҳанд ёфт.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Дар ин ҳафта масъалаҳои молиявӣ ва нақшаҳои касбӣ диққати асосии шуморо ҷалб мекунанд. Барои беҳтар кардани вазъият имкони хуб пайдо мешавад, вале бояд бо шарикон ва ҳамкорон боэҳтиёт муносибат намоед.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

Ин ҳафта худро пурқуввату фаъол эҳсос мекунед ва барои анҷом додани корҳои калон нерӯи кофӣ хоҳед дошт. Аммо як хатои хурд ё беэҳтиётӣ метавонад нақшаҳоятонро каме тағйир диҳад. Аз ин рӯ, ҳуҷҷатҳо ва корҳои муҳимро бодиққат санҷед.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Дар ин ҳафта муносибатҳои оилавӣ ва шахсӣ барои шумо аҳаммияти бештар пайдо мекунанд. Агар миёни шумо ва ҳамсафари ҳаётӣ нофаҳмие вуҷуд дошта бошад, барои бартараф кардани он фурсати муносиб фаро мерасад.

# ИСТИҚЛОЛ ТОҶИКИСТОНРО ШУҲРАИ ДУНЁ НАМУД



*Насрулло АБДУЛЛОЕВ, муаллими калони Коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат*

**ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ БАРОИ ҲАР ЯК МИЛЛАТ МУҚАДДАСТАРИН ВА БУЗУРГТАРИН НЕЪМАТ БА ШУМОР МЕРАВАД. ИМРӮЗҲО МАРДУМИ ШАРАФМАНДИ ТОҶИКИСТОН БО ИФТИХОР ВА ҲИССИ БАЛАНДИ ВАТАНДӮСТӢ БАҲРИ ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ХЕШ ОМОДАГИИ ҲАМАТАРАФА МЕБИНАНД.**

Оре:

*Лутфи Ҳақ бар мост*
*Истиқлоли мо,*
*Шуҳраи дунёст*
*Истиқлоли мо.*

Шукрона аз лутфу карами Офаридгор, ки ин неъмати бузург - Истиқлолро насиби мо гардонд. Ин соҳибистиқлолӣ умеду армонҳои ҳазорсолаи моро эҳё ва Тоҷикистонро шуҳраи дунё намуд.

Ман - як фарди солору рӯзгордида ва собиқадори меҳнат, баробари кулли мардуми кишвар шукрона аз ин неъмати бебаҳо дорам. Имрӯзҳо шодию фараҳи маро низ ҳадду андозае нест. Ҳарчанд ба ёдам он рӯзҳои пурфоҷиаи ибтидои соҳибистиқлолӣ мерасаду хотирам озурда мегардад.

Бале, дар ибтидо нооромиву бесуботӣ, низоъҳои сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ сар зад. Оташи он ҳар рӯз аланга мегирифту хушку тарро ба коми худ мекашид. Дар ҳақиқат, он шабу рӯз ба гуфти бародари зиндаёди ман, Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Мирзо Файзалӣ:

*Чӣ хурду чӣ бузург, анҷоми
кори худ намедонист,
Ба кӣ ифшо кунад аҳволи
зори худ, намедонист,
Ба гирдоби бало ғарқа,
канори худ намедонист,
Кучо монду куҷо афканд
бори худ, намедонист,
Касеро дастгиру ғамгусори
худ намедонист...*

Даҳшати дар гирдоби бало ғарқ гаштани давлату миллатам беихтиёр байти шоир Ашӯр Сафарро (рӯҳаш шод бод) ба ёдам меовард:

*Як бори дигар ханда ба
лаб мешуда бошад,
Дар кишвари ғам базму
тараб мешуда бошад...*

Оҳу нолаи мардум магар ба гӯши Офаридгор расида, ки хушбахтона, ба таъбири Лоиқи бузургвор:

*Раҳми Парвардигори
мо омад,
Нури ҳақ бар диёри
мо омад.*

Як ҷавонмарди ватандӯсту худогоҳ, саропо нангу номус - Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун наҷотбахши миллат ба сари қудрат омаду бо ғайрату ҳиммати баланд вориди майдони сиёсат шуд. Бо ҳама гурӯҳҳои ба муқобили ҳам сангарнишин забон ёфту созиш кард. Он ҳама меҳру муҳаббат, азму садоқати аз миён рафтаро дар байни мардум барқарор намуд. Тоҷикистонро аз вартаи нобудшавӣ наҷот дод. Баҳри барқарорсозии сулҳу осоиштагӣ рӯзу шаб ҷон ба каф гирифта, мубориза бурд.

Ба аввалин қавли дар назди мардуми кишвар додааш - «Ман тамоми донишу таҷрибаамро барои дар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои шукуфоии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад, ҷони худро нисор мекунам», сарбаландона вафо кард.

Ва имрӯз ҳар пешрафте, ки дорем, баракати сиёсати Пешвои миллат аст.

Хулоса, Истиқлол барои мо танҳо як санаи таърихӣ нест.

Он рамзи озодӣ, худшиносии миллӣ, соҳибихтиёрӣ ва масъулияти ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон дар назди Ватан мебошад. 35-солагии ин санаи муҳим боз як фурсати муносибест, ки дастовардҳои даврони Истиқлолро арҷ гузорем.

Бигузор Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамеша сарсабзу обод, осмони он соф ва мардумаш хушбахту сарбаланд бошанд.

# ҶАВОНМАРДО, ҶАВОНМАРДӢ БИОМӮЗ

Сухансарои номӣ ва мутафаккири бузург Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ хуб таъкид кардаанд:

*Ҷавонмардо,
ҷавонмардӣ биомӯз,
Зи мардони ҷаҳон
мардӣ биомӯз.*

Дар зиндагӣ бо бисёр шахсоне вохӯрдан мумкин аст, ки онҳо бо кору кирдори худашон баҳри ҳимояи миллату Ватан, марзу буми он бо ҷавонмардиашон то ҳатто ҷони худро дареғ надоштаанд.

Дар таквияти ин гуфтаҳо як амали дар аввал одӣ, лекин дар асл хело ҷиддиро пеши назари шумо меорам.

Подполковник Сулаймонзода Фаридун Сулаймон 37-сола, хатмкардаи Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи сарҳадии



Хадамоти бехатарии Федератсияи Русия, оиладор, соҳиби 2 фарзанд, дар Раёсати муҳофизати сарҳадии ҚС КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаи афсари калон ифои вазифа менамуд.

Рӯзи 20-уми августи соли равон мусофири автобуси мусофирбари шаҳрӣ буд. Ҳангоми ҳаракати автобус, ки ронанда дарро маҳкам накарда, ҳаракати автомашинаро давом медод, баногоҳ аз ҷайби Сулаймонзода Ф. С. шаҳодатномаи хизматиаш аз автобус берун меафтад. Номбурда фурсатро аз даст надода, баҳри ҳифзи шаҳодатнома аз автобус ба берун меҷаҳад, то ки ҳуҷҷати мазкурро дарёфт кунад. Дар ин ҳангом вай ба сар ба роҳи асфалтпӯш афтида, ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ бардошта, пас аз ду шабонарӯз дар бемористон ҳалок мешавад.

Мантиқан агар фикр ронем, Сулаймонзода Ф. С. баҳри ҳифзи ҳуҷҷати хизматиаш то ҳатто ҷонашро дареғ надошт, пас боварии кас меояд, ки вай агар бевосита дар ҳифзи сарҳади давлатӣ мебуд, боз чӣ қаҳрамониҳое мекард.

Устоди зиндаёд, Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ дар васфи чунин ҷавонмардони шуҷоъи Ватан гуфтаанд:

*Мард он, ки намирад
зи қазо бо аҷали худ,
Дар ишқ ва ё кор
ва ё ор бимирад.
Мард он, ки шарафманду
ба номусу ҷавонмард,
Бо ин ҳама озор
сазовор бимирад.*

Ҳамин тоифа сарсупурдагони миллату Ватан дар Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти роҳбарии шахсияти шинохта, афсари касбӣ, чашми кордида, генерал-лейтенант Раҷабзода Муродалӣ Раҷаб дар ҳимояи Сарҳади Давлатӣ обутоб ёфта истодаанд.

**У. УСМОНЗОДА,
мушовири Фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3**

## МАВЛУДНОМА

### 3 СЕНТЯБР

**Мавҷуда Пӯлодова** (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Нодирҷон Солеҳҷонов** (1951), 75-солагии зодрӯзи фарҳангшинос, арбоби ҷамъиятӣ.

**Саломат Ҷаҳонгирова** (1881-1964), 145-солагии зодрӯзи арбобзани ҷамъиятӣ.

### 4 СЕНТЯБР

**Турсуной Каримова** (1946), 80-солагии зодрӯзи файласуф.

**Клавдия Гиасинтова** (1931), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Раҳмон Раҷабов** (1946), 80-солагии зодрӯзи журналист.

### 5 СЕНТЯБР

**Саъдулло Насруллоев** (1936), 90-солагии зодрӯзи муаррих.

**Ҳамид Пӯлодов** (1941-2007), 85-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

### 6 СЕНТЯБР

**Лев Гуртовой** (1896-1957), 130-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Абдулвоҳиди Зевар** (1966), 60-солагии зодрӯзи шоир.

**Иван Скоробогатов** (1926), 100-солагии зодрӯзи муаррих.

### 7 СЕНТЯБР

**Раъно Бухоризода** (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Адаш Истад** (1946), 75-солагии зодрӯзи нависанда, публисист.

**Маҳмудҷон Маҳкамов** (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Кароматт Мирзоалиева** (1926-1995), 100-солагии зодрӯзи арбобзани давлатӣ.

**Қодир Ҳабилов** (1926-2001), 100-солагии зодрӯзи генерал-майор.

### 8 СЕНТЯБР

**Тоҳир Каримов** (1906-1981), 120-солагии зодрӯзи арбоби хоҷагӣ, Қаҳрамони меҳнати Сотсиалистӣ.

**Маҳмадалӣ Ҳоҷиев** (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Рафиқ Ҳасанов** (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

### 9 СЕНТЯБР

**Ирина Каримова** (1956), 70-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

**Маҳкам Давлатов** (1921), 105-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони меҳнати Сотсиалистӣ.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
(+992) 93 111 08 87

Замимаи дипломи дараҷаи бакалавр аз рӯйи ихтисоси «Журналистика» ба номи Столярова Александра Игоревна, ки соли 2021 аз ҷониби Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатномаи ВА №01068, феҳристи ягонаи адвокатҳо №01043, ба номи Абдулғанизода Абдумонеъ, ки соли 2024 аз ҷониби Вазорати адлия дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Патенти соҳибкори инфиродӣ Мавлонова Бунавшамо, РЯМ: 3330038846, ки онро Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ додааст, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатнома ва иқтибоси Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи энергетикӣ"-и ноҳияи Ҷ. Румӣ, РЯМ: 3310005445, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Ҷ. Балхӣ додааст, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 11, ШМҲ №0010160, ба номи Нуралиев Манучеҳр Саидмуродович, ки соли 2005 аз ҷониби Литсей-интернати муштараки тоҷикию туркии ба номи Мавлоно Ҷ. Румии ш. Қӯрғонтеппа (ҳозира Бохтар) дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, Дараҷаи А №0178201, рақами қайд №12988, ба номи Раҷабов Ҷурабой, ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Роҳатӣ, ки санаи 16.07.2008 аз ҷониби Мақомоти давлатии заминсозии ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи №Б.БД-1-17.144/10-2020 дар бораи саҳмгузорӣ дар ташкили сохтмони бинои истиқоматӣ аз 20.10.2020, байни ҶДММ "Нури Шамс" ва Сайдалиев Самандар Исроилович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Соҳилӣ, шаҳраки 63, хуҷраи 65, ошёнаи 12, Блоки БД-1, 57.2 м.м., аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ба номи Ҳомидова Дасторгуль Давлятовна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, 1 гузаргоҳи кӯчаи Айнӣ, хонаи 58, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатномаи умумии соҳибкори инфиродӣ ба номи Тоирова Гулноза Исроиловна, РЯМ: 0730212056, РМА: 075700820, санаи таъсис 31.03.2021, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Саторов Фарход, РЯМ: 3330099997, ки онро Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ додааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Тоиров Содикҷон, РЯМ: 0730078241, РМА: 075795465, санаи таъсис 08.08.2016, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Мухри МТМУ №40, ноҳияи Шахринав, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ аз 22.06.2022, таҳти рақами №66672, ба номи Садуллоев Гулмурод, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Н. Муҳаммад, хонаи 4, утоқи 17, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Т-АТУХ, рақами 0000251, ки МТХ Мактаби муосири байналмилалӣ бо қарори шурои педагогӣ рақами 8 аз 20.06.2022 ба Сулаймонова Фарангез Раҳматуллоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ «Боғи Чинор», РМА: 330015159, РЯМ: 3310011137, ки Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ ба қайд гирифтааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶДММ "Зубайди", РЯМ: 3310003180, РМА: 330006843, ки Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ ба қайд гирифтааст, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶДММ Маркази Савдои "Одил", РЯМ: 0710011253, РМА: 070018302, санаи таъсис 06.08.2022, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## НИЁЗ ДОРЕМ

Ба толори маҳскунӣ (массажный салон) маҳсгарбонувони тозакор лозиманд, бо таҷрибаи кории аз 1 сол ва дорои сертификат, аз 19 то 25-сола. Тел.: 102-40-47-97

## ТАЪМИРИ ХОНА

Таъмири аврупоии хона. Бо нархи дастрас. Тел.: 1111-080-02

## УСТОИ КАФЕЛ

Устои касбии кафел, таҷҳизоти сантехникӣ. Тел.: 915-58-71-31

## ТАЪМИРИ ТАҶҲИЗОТИ ТЕХНИКӢ

Таъмири яхдон, бо кафолат. Тел.: 919-03-07-78, 934-65-89-54

## ГУНОГУН

Газовик. Тел.: 988-61-10-57

## МЕХАРАМ

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалча, мошинаи либосшӯӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолин, кондитсионер, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалча, мошинаи либосшӯӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Флягҳо, курпачаҳо, қолинҳо, медалҳо, нишонҳо, асбобу анҷом, зарфҳо, дегҳо, танга, мошинаи дарздӯзӣ, баллонҳои газӣ, таҷҳизоти шуравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳан, коғаз мехарам. Тел.: 988-33-73-61, 905-98-77-88

Александр Проханов:

# МАН ДАР ДОХИЛИ КУМИТАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА БУДАМ

**(Аввалаш дар саҳ. 11)**

— Ман бо яке аз аъзои КДҲФ Олег Дмитриевич Бакланов бисёр наздик будам. Ӯ инсони шигифтангез ва мутахассиси фанние буд, ки бо тамоми вуҷудаш ба техника бахшида шуда, силоҳи русӣ ва кайҳоннавардии русиро месохт ва ба офаридани онҳо роҳбарӣ мекард. Боре ӯ маро барои тамошои партоби «Буран» ба Байконур даъват кард. Ман дидам, ки ин нахустин киштии фазоии шуравӣ чӣ гуна ба парвоз баромад, гирди Замин гашт ва тафсону шуълавар бозгашт. Наздаш рафтам, даст расонидам, пулакчаҳои гарминигоҳдори онро навозиш кардам ва бӯйи кайҳонро нафас кашидам... Мефаҳмидам, ки ин киштӣ на танҳо ба кайҳон, балки ба ояндаи шуравию русӣ парвоз мекард. Он ҷойеро, ки ҳоло Чин ишғол кардааст, он вақт Иттиҳоди Шуравӣ ҳадаф қарор дода буд ва «Буран» пешоҳанги он буд. Ман инро медидам ва Бакланов офарандаи он буд...

Ӯ романтик ва кайҳонгард буд, андешаи асроромезу ҳиссии хосе дошт. Ва аллакай эҳсос мекард, ки Кайҳон аз Иттиҳоди Шуравӣ рӯ гардонидаву суқут ба он наздик мешавад.

Дар рӯзҳои КДҲФ Бакланов дар назди Горбачёв, дар Форос буд ва ман хостам ӯро бубинам. Чанд соат пеш аз боздошташ ба назди ӯ, ба Майдони Сурх рафтам. Аз Маскави холишуда мегузаштам; либералҳо дар роҳ маро мешинохтанд, наздик мешуданду масхара мекарданд. Фикр мекардам, ки маро пора-пора мекунанд, зеро ман мухолифи сарсахти бозсозӣ будам. Баъди КДҲФ Яковлев рӯзномаи «День»-и маро ситоди асосии табаддулот ва маро идеологи асосии он номид... Дар қабулгоҳе, ки замоне генералҳо ва вазирон бо ҳисоботҳояшон менишастанд, дигар касе набуд. Дари утоқи корӣ нимбоз буд ва дидам, ки Бакланов мисли ҳайвони таъқибшуда аз як гӯша ба гӯшаи дигар қадам мезанад; ҳамон ҷо дастгоҳи коғазмайдакунӣ ғур-ғур карда, санадҳои махфиро ба тасмаҳои борик табдил медод. Мо ҳамдигарро ба оғӯш гирифтем. Пурсидам: «Чӣ ҳодиса рӯй дод?». Ӯ бо чашмони ғамгин ба ман нигарист ва гуфт: «Язов ва Крючков сустӣ карданд». Сипас маро гусел карда, маслиҳат дод, ки муддате «ғайб занам».

Баъд ӯ аз зиндон озод шуд ва боз солҳои зиёд зиндагӣ кард. Ҳарчанд бемор шуда буд, ба марказҳои мушакиву кайҳонии мо мерафт ва мегуфт, ки истеҳсоли мушаки «Энергия» ва киштии «Буран»-ро бояд барқарор кард. Аммо ба ҷойи ин дар он ҷо сӯзандоруҳои яккарата ва қапакҳои коғазӣ истеҳсол кардан гирифтанд... Ман рӯзҳои охири умри ин марди бузургро дидам, вақте ба аёдаташ ба беморхона рафтам. Ӯ бо либоси бемористонӣ рӯйи кат нишаста буд ва мо сафарҳои муштаракамонро ба Гурӯҳи ғарбии қӯшунҳо, иншооти махфии барномаи ҳастаӣ, корхонаҳои азими Уралу Сибир ва Афғонистон назди Наҷибуллоҳ ба ёд меовардем. Горбачёв ба Наҷибуллоҳ хиёнат кард; муҷоҳидон ӯро сарнагун намуданд, сипас шиканҷаву қатл карданд ва ҷасади хунинашро назди дарвозаи қасри Раисҷумҳур дар Кобул овехтанд... Олег Дмитриевич пиру лоғару бадбахт назди тиреза нишаста, гиря мекард.

**Тарҷума аз нашрияи "Аргументы и факты"**

ФУТБОЛ

# ТОҶИКИСТОН БО ОЗАРБОЙҶОН, ЧИН ВА ФАЛАСТИН БОЗИҲОИ ДӮСТОНА МЕГУЗАРОНАД




**Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар доираи омодагӣ ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2027 дар рӯзҳои FIFA дар моҳҳои сентябр ва октябр дар сафар се бозии дӯстона баргузор мекунад.**

23-юми сентябр дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо тими миллии Озарбойҷон воҳӯрӣ анҷом медиҳад. Бозӣ дар варзишгоҳи «Palms Sports Arena»-и шаҳри Боку баргузор мешавад.

Пас аз ин дастаи мунтахаби Тоҷикистон ба шаҳри Чунтсини Чин сафар карда, ду бозии дӯстонаи дигар анҷом медиҳад. 2-юми октябр шогирдони Игор Ангеловски бо дастаи мунтахаби Фаластин ва 6-уми октябр бо тими миллии Чин бозӣ мекунанд.

Омодагии дастаи мунтахаби Тоҷикистон ба бозиҳои дарпешистода аз 17-уми сентябр оғоз мешавад.

ҶУДО

# НИШОНИ БИРИНҶИИ АСАДУЛЛОЕВ АЗ LAUSANNE GRAND SLAM - 2026

**Дастаи мунтахаби ҷудои Тоҷикистон дар ҳайати 12 паҳлавон дар Lausanne Grand Slam - 2026 дар Суис ширкат кард ва ҳамагӣ як нишони биринҷӣ ба даст овард.**

Дар ин мусобиқа, ки аз 28 то 30-юми август баргузор шуд, паҳлавонони Тоҷикистон бояд дар ҳайати 14 нафар ширкат мекарданд, аммо дар лаҳзаҳои охир Эмомалӣ Нуралӣ (66 кг) ва Муҳаммадҷон Абдуҷалилзода аз ҳайат берун шуданд. Дар натиҷа, 12 намояндаи кишвар ба майдони набард баромаданд, ки инҳо Лоиқ Қутбуддинов (60 кг), Искандар Маҳмадхоҷазода (66 кг), Муҳиддин Асадуллоев, Масъудӣ Аҳмадзода (73 кг), Беҳрӯз Хоҷазода, Абубакр Шеров (81 кг), Шодмон Ризоев (90 кг), Ҷаҳонгир Маҷидов, Сомон Кишваров (100 кг), Мансур Раҳмон (+100 кг), Аҳлия Муминова (48 кг) ва Мадина Қурбонзода (52 кг) буданд.

Муҳиддин Асадуллоев дар вазни 73 кг ягона нишони Тоҷикистонро ба даст овард. Нахустин мубориза Асадуллоев бар зидди Бакитҷон Абдураҳмонов аз Қазоқистон буд ва ӯ пас аз он ки рақибаш се шидоро ба даст овард, пирӯз шуд. Сипас ҷудокори тоҷик бо давраи хеле душвортар рӯ ба рӯ шуд. Дар даври 1/8-ниҳоӣ бар зидди Ли Эун Кюи куриёгӣ, вақти асосӣ барои муайян кардани ғолиб кофӣ набуд. Мубориза ба вақти тилоӣ гузашт, ки дар он Асадуллоев тавонист бартарии зарурииро ба даст орад. Дар чорякниҳоӣ ӯ бо Георги Лоладзеи гурҷӣ рӯ ба рӯ шуд. Боз ҳам вақти иловагӣ лозим шуд ва Асадуллоев бо як иппон ба нимфинал роҳ ёфт. Дар муҳорибаи ниҳоӣ ӯ бо Даниил Лаврентиев рӯ ба рӯ шуд. Лаврентеив пирӯз шуд. Асадуллоев барои ҷойи сеюм бо Казбек Нагучеви ботачриба, ки аз Амороти Муттаҳидаи Араб намояндагӣ мекард, рӯ ба рӯ шуд. Асадуллоев дар ин муҳориба ғолиб омад ва нишони биринҷӣ гирифт.




МУҲОРИБА

# ПИРӮЗИИ КОМИЛ КАРАТЭ ВА ШИКАСТИ ҲАЛИМ НАЗРУЛЛОЕВ

**Намояндагони Тоҷикистон дар мусобиқаи ACBJJ 22, ки 30-юми август дар Истамбул баргузор шуд, ширкат карданд.**

Ширкати аввалини Қамариддин Ҳасанов (Комил Каратэ) дар ин созмон бо пирӯзӣ анҷомид, Дилшод Норкузиев бо қарори доваронмағлуб донистa шуд ва Ҳалим Назрулоев дар мубориза барои камарбанди қаҳрамонии All Stars аз мубориза UFC Асу Алмабоев имтиҳони ҷиддиро паси сар кард.

Қамариддин Ҳасанов пас аз имзои қарордод бо Absolute Championship of Brazilian Jiu-Jitsu ба Туркия омад. Барои ӯ ин аввалин набард дар созмон буд. Рақиби "Комил Карате" дар вазни 70 кг намояндаи Ҳиндустон Увайс Ёқуб буд. Ин набард ба тарзи ғайриодӣ анҷом ёфт. Варзишгари ҳиндӣ аз усули мамнуъ истифода кард, ки аз ҳаққи ширкат дар мусобиқа маҳрум шуд ва пирӯзӣ ба Ҳасанов дода шуд.

Намояндаи дуюми Тоҷикистон Дилшод Норкузиев буд. Рақиби ӯ варзишгари турк Исфак Сайит буд. Дар ин ҷо қарори доварон ғолибро маълум кард, ки ба намояндаи Туркия дода шуд.

Набарди аслӣ аз лиҳози мақом барои Тоҷикистон муҳорибаи Ҳалим Назруллоев ва Асу Алмабоеви қазоқ буд. Илова бар ин, набард барои камарбанди All Stars дар вазни 60 кг буд. Алмабоев фаъолтар буд ва доварон пирӯзиро ба ӯ доданд. Барои Назруллоев ин бохт, албатта, рекорди касбии ӯро (13-0) дар муҳорибаҳои омехта тағйир намедиҳад, зеро ин қувваозмоӣ тибқи қоидаҳои ММА набуд.




РЕЗААХБОР



30-юми август дар шаҳри Ҳошимини Ветнам Чемпионати кушоди пауэрлифтинги Осиё баргузор шуд, ки дар он варзишгарони тоҷик соҳиби 2 нишони нуқра шуданд. Муҳаммад Камолов дар вазни 75 кг дар намуди пахши вазна дар ҳолати хобида сазовори нишони нуқра гардид. Сорбони Мумин дар вазни 82,5 кг дар ҳамин намуд нишони нуқра ба даст овард.

***

Размикори тоҷик Беҳзод Усмонов (3-1) дар мусобиқаи BKB (Bare Knuckle Boxing), ки 23-юми октябр дар Билокси (Миссисипи, ИМА) баргузор мешавад, чеҳраи асосӣ хоҳад буд. Ӯ бо Ҷарод Гранти амрикоӣ (8-3) рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Ин мубориза дар вазни сабук аст ва мусобиқаи асосии Night Fight Bally's хоҳад буд.

***

Размикори дигари тоҷик Сарвар Ҳамидов 16-уми октябр дар PFL Chicago бо Рафаэл До Насиментои бразилӣ рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Дар ҳоли ҳозир рекорди касбии Сарвар 17 пирӯзӣ ва як бохтро ташкил медиҳад. Ягона шикасти ӯ дар фаъолияташ моҳи июни соли 2025, вақте ӯ дар мусобиқаи ҷаҳонии PFL 6 аз Магомед Магомедови ботаҷриба бо қарори якдилонаи доварон мағлуб шуд, рух дод.

***

31-уми август маросими Бозиҳои 4-уми ҷаҳонии кӯчманчиён дар Бишкек (Қирғизистон) баргузор шуд. Дар он наздики 3000 варзишгар аз 112 кишвар ширкат мекунанд. Дар ин мусобиқаҳо, ки варзишгарон барои 115 нишони тило, 114 нуқра ва 144 биринҷӣ талош мекунанд, намояндагони Тоҷикистон низ ширкат доранд. Аввалин Бозиҳои ҷаҳонии кӯчманчиён соли 2014 дар Қирғизистон баргузор шуда буд.

***

Дастаи мунтахаби ҷавонони футболбози Тоҷикистон (U-20) дар Баҳрайн нахустин бозии худро дар доираи марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2027 дар гурӯҳи «D» баргузор намуд. Дар бозии якуми марҳилаи интихобӣ ҷавонони Тоҷикистон (U-20) аз ҳамсолони худ аз Баҳрайн бо ҳисоби 2:3 шикаст хӯрданд.




## ДАЪВО

Мӯйсафеде ба духтур мегӯяд:
- Духтур, даъвои ман ин буд, ки пеши чашмонам доғҳои хира медидам, баъди муоличаи шумо баръакс доғҳо тамоман рӯшан шуда рафтанд. Худаш чӣ гап? Ё аз болоятон ариза нависам?
Духтур дар чавоб:
- Бобочон, ман чашмони шуморо муолича кардам, доғҳои айнакатонро набераатон бояд тоза кунад.

## ШАКАРХАНД

- Вақте ман дар мактаб мехондам,- гуфт марде ба писараш,- аз фанни таърих доим баҳои "5" мегирифтам, аммо ту бошӣ, фақат баҳои "3" мегирӣ.
Писар дарҳол чавоб дод:
- Падарчон, вақте шумо дар мактаб мехондед, таърих хеле кӯтоҳ буд.

## БУЛБУЛ

Рӯзе Булбул ном писарбачае ба боғ гелосхӯрӣ даромадааст. Ногоҳ боғбон дар болои дарахт гелосхӯрии ӯро дида, гуфтааст:
- Бача, чӣ ном дорӣ?
- Булбул,- чавоб додааст ӯ.
- Агар булбул бошӣ, суруд хон,- хоҳиш кардааст боғбон.
Боғбон овози гӯшхарошу нофорами ӯро шунида, гуфтааст:
- Наход, ки булбул ҳамин хел хонад?
Бача аз болои дарахт чавоб додааст:
- Булбули гелосхӯр ҳамин хел мехонад.

## ИМТИҲОН

Муаллим аз талаба мепурсад:
- Толиб, мори айнакдор ба кадом гурӯҳи ҳайвонҳо дохил мешавад?
Толиб дар чавоб:
- Ба ҳайвонҳое, ки масофаи дурро дида наметавонанд.

## АСП

Дар маркази таъмири мошинҳо:
- Усто, ҳолати мошини ман чӣ гуна аст?
Усто дар чавоб:
- Медонед чӣ, агар ин мошин неву асп мешуд, ман ба шумо тавсия медодам, ки онро парронед.

## ОДАМГАРӢ

Зан ба шавҳараш мегӯяд:
- Одаму одамгариро фаромӯш кардаед вақтҳои охир. Хушдоманатон аз ҳамин қадар роҳи дур меҳмон шуда омаданду шумо бошед, ақаллан ягон чо тамошо ҳам набурдед он касро.
- Занак,- мегӯяд шавҳар дар чавоб,- ин кори бефоида. Ба кӯчае набарам, роҳро медонад, боз гашта хона меояд.

## ОҲАНРАБО

Духтарак - мухбири чавоне, ки ба гӯшу бинияш сеҳалкагӣ овехтааст, дар кӯча ба марде суол медиҳад:
- Ба андешаи шумо, занро чӣ тавр ба худ чалб кардан мумкин аст?
Мард дар чавоб мегӯяд:
- Дигар занҳоро намедонам, вале шуморо бо оҳанрабо (магнит) чалб кардан осон аст!

## СУРУДХОНӢ

Духтарак назди модараш омада, мепурсад:
- Оча, чаро ҳангоми сурудхонии ман назди тиреза меистед?
Модар дар чавоб мегӯяд:
- Барои он ки ҳамсояҳо гумон накунанд ман туро зада истодаам.

## КИТ

Кити нарина дар атрофи кити мода шино варзида, бо киноя мегӯяд:
- Чӣ қадар кишварҳо, садҳо ташкилотҳои экологӣ, пешвоёни сиёсӣ, миллионҳо одамон барои несту нобуд нашудани насли мо мубориза мебаранд, ту бошӣ, аз ҳамхобагӣ мегурезӣ...

## ГАПИ МАХФӢ

Зане ба ҳамсояаш мегӯяд:
- Гулбахорчон, як гапро бояд ба шумо гӯям. Шумо медонед, ки шавҳаратон аз қафои духтарон медавад?
Гулбахор мегӯяд:
- Гӯш кунед, ҳамсоя! Саги мо ҳам аз қафои мошинҳо медавад, вале ин маънои онро надорад, ки мошинро дарёб карда, паси чанбарак мешинад!

## ИМКОНИЯТ

Мардеро ҳангоми аз бонк дуздӣ карданаш дастгир карда, мепурсанд:
- Чаро даст ба дуздӣ задӣ?
Мард мегӯяд:
- Аз назди бонк мегузаштам, ки назарам ба навиштачоти "Имкониятро аз даст надеҳ" афтод.

## ТАВСИЯНОМА

- Шумо аз чойи кори пешинаатон тавсияномa доред?
- Бале. Онҳо ба ман тавсия доданд, ки чойи кори дигар чӯям.

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

